Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

8 июли соли 2015, чоршанбе, №28 (1007)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# NEW EUROPE: ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МЕЪМОРИ СУЛҲИ ТОҶИКИСТОН




**Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар даҳаи охири қарни гузашта дар дастёбӣ ба сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвараш басо муҳим аст. Албатта, Меъмори сулҳ дар Тоҷикистон ҳар вақт ин хизматҳоро ба ҳамватанони шарафманду худогоҳ, мардуми дорои таъриху фарҳанги қадиму бой ва расму оини сулҳбунёд марбут медонад.**

Бо вуҷуди ин, Президент Эмомалӣ Раҳмон дар анҷомёбии ҷанги хунини шаҳрвандии солҳои 1992-1997, дастёбӣ ба сулҳ, субот ва ваҳдати миллии комил дар ҷомеаи тоҷик, барқарорсозии тартиботи ҷамъиятӣ ва амният, таъмини бозгашти гурезагон аз хориҷа ба Ватан, қабули конститутсияи нав ва татбиқи ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ саҳми тақдирсоз ва таърихӣ гузоштааст. Корномаҳои ҷасурона ва қаҳрамононаи Пешвои халқи тоҷик дар он давраи душвор, бешубҳа, сазовори аҳсан буда, шоистаи кафкӯбиҳои баланди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аст.

саҳ. 2

Ҳаёти ҳизб

## БОЗОМӮЗИИ РОҲБАРОНИ КУМИТАҲОИ ҲИЗБӢ



саҳ. 2

## Равияҳои нави динӣ

ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА АНЪАНАҲОИ МАРДУМИИ МО



саҳ. 7

Чашмандоз

саҳ. 6



## РОҲ БОЯД БЕХАТАР БОШАД

## Табобати чинӣ шифо мебахшад?

саҳ. 10

# NEW EUROPE: ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МЕЪМОРИ СУЛҲИ ТОҶИКИСТОН

*саҳ. 1*

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин дар ҳаллу фасли чолишҳои давраи пас аз муноқиша нақши намоён бозидааст: қабл аз ҳама дар фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, ки натиҷаи он Созишномаи умумии деринтизор дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Қабл аз давраи ба сари ҳокимият омадани Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон воқеаҳои фоҷиабори мубориза барои қудрат дар кишвари ҷавон ва он вақт заиф рух доданд. Маҳз навсозӣ (перестройка) дар Иттифоқи Шӯравӣ ва оқибатҳои он ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар давлати навистиқлоли Тоҷикистон оварда расониданд.

Низои ҳарбӣ ба иқтисоди давлат зарари ҷиддӣ расонид. Даҳҳо ҳазор нафар, ки дар он солҳои даҳшатбор қурбон шуданд, талафоти гарон аст. Кишвари мо дар маҷмӯъ беш аз 10 миллиард доллари ИМА зарар дида буд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун намояндаи ҷониби расмии ҳукуматӣ дар раванди гуфтушунидҳои сулҳи байни тоҷикон, ки дар якҷоягӣ бо мухолифин сурат гирифтанд, фаъолона иштирок намуда, таъсири қатъиву мусбат гузошт.

Дар маҷмӯъ, ин гуфтушунидҳо дар 8 давр дар шаҳрҳои Кобул, Алмаато, Теҳрон, Хосдеҳ (Афғонистон), Москва, Машҳад (Эрон) ва Бишкек баргузор гардиданд. Гуфтушунидҳои сулҳи байни тоҷикон таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид ва бо иштироки кишварҳои кафил Русия, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон ва Туркманистон барпо шуданд. Ин кишварҳо дар раванди дастёбӣ ба сулҳ дар Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштанд.

Раванди пурпечутоби гуфтушунидҳои сулҳи байни тоҷикон 27 июни соли 1997 дар Москва бо имзои Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид.

То кунун ин рӯз ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ба таври васеъ ҷашн гирифта мешавад.

Тайи солҳои душвори сарварӣ дар Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мавқеи принсипиалӣ, инсондӯстӣ ва фаъолияти сулҳофаринӣ ҳам дар кишвари худ ва ҳам дар хориҷа сазовори нуфузу обрӯи бузург гаштааст.

Таҷриба ва амалияи сулҳи байни тоҷикон аҳамияти на танҳо миллӣ, балки байналмилалӣ низ дорад, чунки он дар ҳаллу фасли низоъҳои дохилӣ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон, ба монанди Афғонистон, Сурия ва дигар кишварҳо метавонад истифода карда шавад.

Дар ин росто Президент Эмомалӣ Раҳмон ба шарофати саҳми арзанда ба пешбурду ҳифзи сулҳи пойдор ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон, кишвари имрӯзҳо зуд рушдёбанда, бояд ҳаматарафа ҳавасманд ва қадрдонӣ гардад.

**Мақолаи мазкур дар NEW EUROPE нашр шудааст.**

**Рустам СОЛИЕВ,**
*Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бенилюкс, Намоянда дар Иттиҳоди Аврупо, НАТО ва ЮНЕСКО*

# УНВОНИ ИФТИХОРӢ

**Бо қарори Шӯрои академии Маркази аврупоии тадқиқоти байналмилалӣ ва стратегӣ (CERIS) (ш.Брюссел), муассисаи таҳсилоти олии Иттиҳоди Аврупо дар арафаи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо унвони профессори фахрии ин Марказ сарфароз гардид.**

Маркази мазкур унвони профессори фахриро бо дарназардошти аҳамияти байналмилалии таҷрибаи нодири сулҳи байни тоҷикон ва нақши таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи кишварамон додааст.

Боиси зикр аст, ки Маркази аврупоии тадқиқоти байналмилалӣ ва стратегӣ соли 1985 бо ташаббуси профессорони донишгоҳҳо, дипломатҳо ва хизматчиёни давлати баландпоя бо мақсади пешбурди тадқиқот ва додани маълумоти пурраи олӣ дар соҳаи сиёсат, муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати рушд таъсис ёфтааст. Марказ ба хоҳишмандон курсҳои яксолаи магистратураро дар соҳаи Сиёсати байналмилалӣ ва Сиёсати рушд пешниҳод менамояд. Дар ҳоли ҳозир сафирон, дипломатҳои ҷавону корозмуд, намояндагони сохторҳои Иттиҳоди Аврупо, НАТО ва дигар ташкилоту созмонҳои байналхалқии муқими Аврупо донишҷӯёни он Марказ мебошанд.

*www.prezident.tj*

**Ҳаёти ҳизб**

# БОЗОМӮЗИИ РОҲБАРОНИ КУМИТАҲОИ ҲИЗБӢ

***Дар асоси нақша - чорабиниҳои Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва ризоияти Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар осоишгоҳи Санавбари шаҳри Роғун аз санаи 5 июн курси бозомӯзии раисони кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оғоз гашт.***



Дар курси бозомӯзӣ 72 нафар раисони кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо иштирок доранд. Дар маросими ифтитоҳи курс мувовини Раиси ҲХДТ **Асрор Латифзода**, узви Раёсати КИ ҲХДТ, раиси шаҳри Роғун **Шариф Шарифзода** ва дигар шахсони расмӣ иштирок намуданд.



Курси бозомӯзиро Асрор Латифзода ифтитоҳ намуда, зикр кард, ки мақсад аз баргузории курси бозомӯзӣ таҳкими фаъолияти ҳизбӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, омӯзиши роҳҳои амалигардонии ҳадафҳои Оиннома ва Барномаи ҲХДТ, бохабарии кормандони ҳизбӣ аз вазъи имрӯзаи ҷаҳон, паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, амният, омӯзиши равандҳои сиёсӣ, ҳифзи забони давлатӣ, масоили вобаста ба занон ва ғайра мебошанд.

Раиси шаҳри Роғун Ш. Шарифзода кулли иштирокдоронро ба ин шаҳри сохтмонӣ ва осоишгоҳи Санавбар хайрамақдам гуфта, иқдоми дастгоҳи КИМ ҲХДТ-ро саривақтӣ ва зарурӣ арзёбӣ кард.

Дар рӯзи аввали курси бозомӯзӣ дар мавзӯъҳои, **"ҲХДТ - нерӯи сулҳофар, ваҳдатсоз,мардумсолор ва созанда"**, **"Оиннома ва Барномаи ҲХДТ - санади муҳим дар фаъолияти ҳизбӣ"**, **"Аз таҷрибаи фаъолияти ташкилотҳои ҳизбии вилояти Хатлон,( дарси амалӣ)"**, **"Озодиҳои динӣ ва пешгирии ҳаракатҳои ифротӣ"**, муовини Раиси ҲХДТ Асрор Латифзода, раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон **Аҳмадҷон Ализода** ва ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит **Тоҷиддин Асомуддинзода** маърӯза карданд.

Ёдовар мешавем, ки курси бозомӯзӣ то 10 июли соли ҷорӣ идома ёфта, дар он кормандони дастгоҳи КИМ, ҲХДТ ва кормандони сохторҳои гуногуни мақомоти давлатӣ ба иштирокчиён дарс мегӯянд.

**М. АҲРОРӢ**

# ТАЛОШҲО БАРОИ АМАЛӢ ШУДАНИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ

**Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Меҳнат"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Фарҳанги миллӣ пояи Ваҳдати миллӣ" мизи мудаввар баргузор гардид.**



Зимни ифтитоҳи ҷамъомад муовини якуми вазир, раиси ташкилоти ибтидоии ҲХДТ "Меҳнат" Э.Сангинзода зикр намуд, ки дар арафаи таҷлили рӯзи Ваҳдати миллӣ ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дохил шудани боз 13 нафар аз кормандони Дастгоҳи марказии вазорат, ки аксариятаашонро ҷавонон ташкил медиҳанд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мову шумо сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Роҳбари муаззами ҳизбамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ намуда, барои боз ҳам бештар амалӣ шудани ормонҳои миллӣ саъю талош варзем.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун омили муттаҳидсозандаи тамоми мардуми Тоҷикистон шароит фароҳам овард, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда дар ҷумҳуриамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум, ободӣ ва оянда давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардид.

Инчунин зимни баргузории чорабинӣ А.Муминов - мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино дар маърӯзааш дар баробари риояи талаботи Оиннома ва Барномаи ҲХДТ, оид ба пешгирии ҳар гуна зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла ифротгароии равияҳои номатлуби салафия ва дигар ташкилотҳои экстремистию динӣ, ки ҷавонониморо таҳти таъсири хурофотпарастии худашон қарор медиҳанд, изҳори андеша намуд.

Дар анҷоми чорабинӣ дар вазъияти тантанавӣ ба ҷавононе, ки бори аввал ба узвияти ҲХДТ шомил гардидаанд, шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида шуд.

**М. ОРМОНОВ,**
*ҷонишини раиси ташкилоти ибтидоии "Меҳнат"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**3 июли соли 2015 дар маҷлисгоҳи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд ҷаласаи ҳисоботии шашмоҳа баргузор гардид, ки дар кори он аъзои Раёсати кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд, раисони кумитаи иҷроияи шаҳру ноҳияҳо, мудирони шуъбаҳои кумитаи иҷроияҳои шаҳру навоҳӣ, гуруҳҳои занону ҷавонон ва фаъолони ҳизб ва аҳли эҷоди нашрияи "Сухани халқ" ширкат намуданд.**

# БАРРАСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШАШМОҲА

Дар ҷаласа чор масъала - Оид ба фаъолияти Кумитаи иҷроияи вилоятии ҲХДТ дар нимсолаи соли 2015, Оид ба рафти обуна ба рӯзномаҳои ҳизбии "Минбари халқ" ва "Сухани халқ", "Тасдиқи самтҳои асосии фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар нимсолаи дуюми соли 2015" ва масъалаҳои ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷаласаро раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд Сарфароз Юнусов ифтитоҳ бахшида, аз рӯи масъалаи аввал суханро ба муовини раиси КИ ҲХДТ дар вилоят А. Ҷалилов дод. Мавсуф бо мисолҳои дақиқ натиҷаҳои фаъолияти ҳизбиёни вилоятро дар муддати шаш моҳ таҳлил намуд. Сипас, раёсати маҷлис ҳисоботи раисони кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои Исфара, Айнӣ, Чкалов, Панҷакент, Бобоҷон Ғафуровро шунида, ба онҳо маслиҳатҳо дод. Раёсати кумитаи иҷроияи вилоятӣ аз фаъолияти кумитаи иҷроияи ноҳияи Айнӣ (раисаш Абдуғанӣ Қобилов) изҳори қаноатмандӣ намуда, таҷрибаи онро барои ташкилотҳои ҳизбии шаҳру ноҳияҳо намунаи ибрат ва омӯзиш муаррифӣ намуд.

Зимни таҳлили рафти обуна ба рӯзномаҳои ҳизбии вилоятию ҷумҳуриявӣ таъкид гардид, ки дар ин самт кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ашт (раисаш Сабоҳат Қаробоева) пешсаф мебошад. Дар ин замина барои беҳтар ба роҳ мондани маъракаи тарғиботию ташвиқотӣ ба раисони кумиҷроияҳои дигар шаҳру ноҳияҳо супоришҳои мушаххас дода шуд.

Аз рӯи масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа самтҳои асосии фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд барои нимсолаи дуюми соли 2015 муҳокима ва тасдиқ карда шуд.

**Т. СУЛТОНӢ**

**Дар ҷаласаи ғайринавбатии комиҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Конибодом ва ноҳияи Ҷаббор Расулов масъалаи кадрӣ баррасӣ шуд.**

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

Бинобар ба кори дигар гузаштанаш Абдумаҷид Қаҳҳоров аз вазифаи раиси комиҷроияи ҲХДТ дари шаҳри Конибодом озод карда шуда, Азим Бобоҷонов бо овоздиҳии якдилонаи аъзои раёсат ва комиҷроияи шаҳрии ҲХДТ ба ин вазифа интихоб гардид.

Дар кори ҷаласа раиси шаҳр Ғайбулло Боҳирӣ иштирок намуда, перомуни фаъолияти комиҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Конибодом, вазифаҳои минбаъдаи аъзои ҳизб, вусъати корҳои ободонӣ ва ташвиқотиву тарғиботӣ дар байни аҳолӣ, беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии ҳизб суханронӣ намуд.

Ҳамчунин раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Ҷаббор Расулов Мавлон Бойтемуров бинобар ба синни нафақа расидан аз вазифа озод гардида, ба ҷойи ӯ узви фаъоли ҲХДТ Рустам Очилов раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ин ноҳия интихоб гардид.

**Тоҷибой СУЛТОНӢ**

# ВОХӮРИИ СУДМАНД

**Дар толори маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Вахш вохӯрии узви Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, раиси ноҳияи Вахш Шарбатулло Азизулло бо роҳбарон, муҳосибон, мудирони хоҷагӣ ва раисони Ассотсиатсияи волидайну омӯзгорони муассисаҳои таълимии ноҳия баргузор гардид.**

**Дар вохӯрӣ раиси ноҳия оид ба рафти таъмир дар муассисаҳои таълимӣ, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ба тариқи ҳашар, самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, омодагӣ ба соли нави хониш то 1 августи соли 2015 ва дохилшавии довталабон ба донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар тавассути Маркази милии тестӣ таъкид намуд.**

# БОЗ 33 НАФАР БА УЗВИЯТИ ҲХДТ ПАЗИРУФТА ШУДАНД

**Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии Беморхонаи марказии шаҳри Турсунзода бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷамъомад баргузор гардид. Маҷлис бо табрикоти раиси ташкилот - сардухтури беморхона Тоҷиддин Ятимов ибтидо гирифта, дар идома узви фаъоли ҳизб, ҷонишини сардухтур Тоҳир Назаров аз файзи Ваҳдат ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолии давлати Тоҷикистон баромади пурмуҳтаво кард.**

Қисмати баъдии ҷамъомад бо баромаду маърӯзаҳои кормандони соҳаи тиб бо фарогирии мавзӯи "Ваҳдати миллӣ ва таъриху шарофатҳои он" рангину ҷолиб гузашт.

Қабл аз анҷоми ҷамъомад ба 30 нафар кормандони беморхона, ки бо тозагӣ ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шомил шуда буданд, дар фазои тантанавӣ шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида шуданд.

Шаҳодатномаҳои ҳизбиро ба наваъзоён муовини раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода Маҳмадалӣ Маҳмадшоев, мудири шуъбаи бақайдгирӣ ва омори кумитаи иҷроияи ҳизбии шаҳрӣ Дилафрӯз Муҳаммадиева супориданд.

Ҳамзамон, табрикоти комиҷроияи шаҳриро ба кулли кормандони соҳаи тиб расонида, 6 нафар фаъолони ҳизбӣ аз ташкилоти ибтидоии ҳизбии номбурда бо сипосномаҳои КИ ҲХДТ дар шаҳри Турсунзода қадрдонӣ шуданд.

Ҳамчунин ба 3 нафар аъзои нави ташкилоти ибтидоии ҳизбии Маркази назорати давлатии санитарӣ - эпидемиологии шаҳри Турсунзода дар фазои тантанавӣ шаҳодатномаҳои ҳизбӣ ва ба 2 нафар аз фаъолони ташкилоти мазкур сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи ҳизбии шаҳрӣ тақдим карда шуданд.

Аз оғози сол инҷониб 580 нафар аз сокинони шаҳри Турсунзода ба узвияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

**Фирӯза МӮМИНОВА**

# БАЧАГОН ДАР «СОҲИЛ»

Бо ташаббуси узви раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ, раиси шаҳри Қӯрғонтеппа дар мавзеи "Хумдон"-и ноҳияи Хуросон дар соҳили дарёи Вахш нахустин истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ барои мактаббачагон, дар давраи таътили тобистона сохта ба истифода дода шуд. Дар маросими кушодашавии истироҳатгоҳи "Соҳил" муовини раис, узви раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Ситора Шерзода, раиси Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Хатлон Иброҳим Азизов ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Аҳмадҷон Ализода иштирок намуданд. Дар истироҳатгоҳ барои 96 нафар мактаббачагон ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудааст ва дар давраи таътили тобистона дар 4 баст истироҳаткунандагон қабул карда мешаванд. Баъд аз буридани лентаи рамзӣ барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ", ки аз тарафи шуъбаи маорифи шаҳр, бахши занон, ҷавонон ва ТҶҶ "Созандагони Ватан" омода гашта буд, пешкаши меҳмонон ва падару модарони истироҳаткунандагон шуд.

**«МХ»**

## НУРИДДИН САИД: *ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА 3715 ОМӮЗГОР НАМЕРАСАД*

**Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 3715 нафар омӯзгорони соҳибихтисос намерасанд. Дар ин бора Нуриддин Саид, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи 6-уми июли соли равон, зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Номбурда афзуд, ки сол аз сол вазъи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кадрҳои соҳибихтисос беҳтар гардида бошад ҳам, то ҳол мушкилоти бартараф кардани норасоии омӯзгорон дар якчанд шаҳру ноҳияҳо ҳалли худро наёфтааст. Илова бар ин, ҳар сол вобаста ба фавт, рухсатии ҳомиладорӣ, ивази ҷойи истиқомат ва зиёд гардидани шумораи хонандагон аз тарафи раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба вазорат дархост оид ба эҳтиёҷоти кадрӣ пешниҳод карда мешавад.

Барои соли таҳсили 2015-2016 аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф барои 3715 нафар омӯзгор дархост пешниҳод гардид, ки он дар ВМКБ 163 нафар, вилояти Хатлон 777 нафар, вилояти Суғд 956 нафар, шаҳри Душанбе 446 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1373 нафар ба қайд гирфта шудааст. Эҳтиёҷоти мазкур асосан аз фанҳои забони англисӣ, забони русӣ, математика, забон ва адабиёти тоҷик, физика, химия, технологияи иттилоотӣ, омодагии дифои ҳарбӣ, санъати тасвирӣ, суруду мусиқӣ ва география мебошад.

Вазири маориф ва илм илова кард, ки феълан ҳастанд нафароне, ки бо маълумоти миёнаи касбӣ дар мактабҳо дарс мегӯянд. Умед аст, ки давоми ду-се соли оянда ин мушкил бартараф хоҳад шуд, зеро мо ин нафаронро ба тадрис фаро гирифта истодаем. "Новобаста аз корҳою фаъолияти ба сомон расонида ҳоло ҳам камбудию мушкилот дар соҳаи маориф ва илм ба назар мерасад. Масъулини Вазорати маориф ва илм бовар дорад, ки ин мушкилот тадриҷан ҳал гардида, ислоҳоти соҳа дар ҳамаи самтҳо давра ба давра амалӣ хоҳад шуд", - афзуд Нуриддин Саид.

Тавре иттилоъ дода шуд, барои соли таҳсили 2015-2016 дар муассисаҳои олии кишвар, тибқи квотаи президентӣ 1 ҳазору 312 ҷой, аз ҷумла барои духтарон 678 ҷой ва барои писарон 634 ҷой ҷудо гардидааст, ки нисбати соли гузашта 21 адад зиёд мебошад. Ба иттилои манбаъ ба ҷуз 1 ҳазору 312 ҷойи ҷудогардида боз 60 ҷойи дигар ҷудо карда хоҳад шуд.

Инчунин дар нишаст қайд шуд, ки истифодаи васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим, мутобиқ гардонидани нақшаву барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори дохиливу ҷаҳонии меҳнат ва таҳсилот ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон дод, ки сол ба сол сатҳу сифати таълим, дараҷаи донишомӯзиву маърифатнокӣ ва донишазхудкунии донишҷӯён баланд бардошта шавад.

Аммо, вазъи ҳассосу печидаи ҷаҳони муосир, раванди ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷавонони имрӯза ва пайвастани онҳо ба ҳаракату ҷараёнҳои экстремистиву террористӣ, афзоиши нуфузи ниҳоди террористии ба ном Давлати исломӣ дар Сурия ва Ироқ зуҳуроти хатарнок ва нигаронкунанда ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти вазъ, имрӯз баробари таълим масъалаи тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ниҳоят муҳим аст.

**Худобердӣ Холиқназар, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 6-уми июли соли равон, зимни нишасти хабарии ниҳоди мазкур гуфт: "Даъвои намояндагони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар мавриди он ки гӯё созишномаи истиқрори сулҳ пурра иҷро нашуд ва сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон якҷониба инъикос мешавад, асоси воқеӣ надорад.**

## ХУДОБЕРДӢ ХОЛИҚНАЗАР: *ҲНИТ ҲАҚ НАДОРАД АЗ НОМИ ИНОТ БАРОМАД КУНАД*

Номбурда изҳор дошт, ки намояндагони ҲНИТ бештар ба ҳамон филмҳои ҳуҷҷатие, ки дар телевизион намоиш дода  мешаванд, такя мекунанд, ки гӯё дар он ҷо нақши мухолифин нишон дода нашудааст. Аммо даъвои онҳо беасос аст, зеро дар ҳамаи филмҳое, ки ба мавзӯи музокироти байни тоҷикон бахшида шудааст ва ҳамчунин дар ҳамаи барномаҳо ҳузури Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии Тоҷикистон (ИНОТ) нишон дода шудааст. Агар онҳо оид ба ин ё он паҳлуи масъалаи мазкур шак дошта бошанд, метавонанд мушаххасан даъвои худро пешниҳод намоянд.

Х. Холиқназар дар мавриди мурочиатномаи ахири Раёсати олии ҲНИТ ба дабири кулли СММ ва роҳбарони кишварҳои кафили сулҳи тоҷикон изҳор дошт, ки ин ҳизб ҳақ надорад аз номи тамоми Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиюни тоҷик баромад кунад. "Имрӯз ҲНИТ кӯшиш карда истодааст, ки аз номи ИНОТ ҳарф занад, ки ин комилан нодуруст аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар музокироти сулҳи тоҷикон ИНОТ аз ду намояндаи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ду намояндаи Ҳизби демократии Тоҷикистон, ду намояндаи Маркази ҳамоҳангсозии нерӯҳои демократии Тоҷикистон, як намояндаи созмони "Лаъли Бадахшон" ва як намояндаи муҳоҷирони тоҷик иборат буд. ҲНИТ дар музокирот ҳамагӣ 25 фоиз намояндагӣ дошту бас. Имрӯз даъвои аз номи ИНОТ ҳарф задани роҳбарияти имрӯзаи он камоли пуррӯйӣ аст. Мо бар инем, ҳар ҳизбе, ки қонуншиканӣ мекунад, бояд муҷозот шавад. Ҳамарӯза тариқи расонаҳо аз қонуншиканиҳои аъзои ин ҳизб хабар дода мешавад, аз ин лиҳоз мо ҷонибдори онем, ки чунин ҳизбҳо дар ҷояшон шинонда шаванд", - афзуд директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамчунин рӯзи 7-уми июли соли равон, Саидмукаррам Абдулқодирзода, раиси Маркази исломии Тоҷикистон низ дар нишасти хабарии Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кард, ки Маркази исломии Тоҷикистон  оид  ба мурочиати ҲНИТ ба  Дабири кулли Созмони Милали  Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони ҳамкориҳои исломӣ, роҳбарони кишварҳои кафил ва узви Гурӯҳи Тамос барои татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мавқеи худро расман рӯшан карда онро ҷуз иғвое беш намедонад.

Номбурда гуфт: "Маркази исломии Тоҷикистон мурочиати ҲНИТ-ро ба ниҳодҳои дар боло номбаршуда халалдор шудани Созишномаи сулҳ ва пешомади хатар ба суботи минтақа медонад ва ин амалкарди раҳбарияти ҳизбро дар шароите, ки мардуми шарифи Тоҷикистон 18-умин солгарди Ваҳдати миллиро дар фазои сулҳи сартосарӣ ва оромишу субот чанд рӯз қабл таҷлил намуданд, ба ҷуз иғвои навбатӣ ва дасисаи ниҳоят муғризона чизи дигаре эътироф намекунад".

**И.ТОҲИР**

## *«ТЕТИС» АЗ ТОҶИКИСТОН НАРАФТААСТ*

**Як ширкати канадагӣ чанд сол пеш барои таҳқиқи захираҳои табиӣ бар асоси қарордод бо давлати Тоҷикистон ба иҷрои корҳои таҳқиқотӣ оғоз кард. Он замон масъулони ин ширкат ваъда дода буданд, ки дар ҳалли мушкили газ ва нафт ба ҷумҳурӣ кӯмак мекунанд ва дар чанд соли оянда масъалаи камбуди ин мавод дар бозори кишвар ҳал хоҳад шуд. Бар асоси ваъдаи намояндагони ин ширкат ба зудӣ натиҷаи ҳамкориҳояш бо Тоҷикистон низ маълум бояд мешуд.**

Аммо тибқи мушоҳидаҳо вақтҳои ахир гузоришҳо дар бораи фаъолияти намояндагии ширкати "Тетис петролиум"-и Канада дар Тоҷикистон дар матбуот кам шудааст. Баъзеҳо мегӯянд, ки шояд он фаъолияти худро қатъ карда аз Тоҷикистон рафта бошад.

Сардори саридораи геологияи назди Ҳукумати ҶТ  Мурод Ҷумъазода дар робита ба фаъолияти ширкати "Тетис петролиум"  дар шароити феълӣ гуфт: - Ин ширкат ҳамон гуна ки дар солҳои аввал буд, имрӯз низ ба кори таҳқиқ идома дода дар иҷрои тарҳҳои тасдиқшуда саҳм мегирад.

Ӯ ба саволи мо дар мавриди ин ки натиҷаҳои кори ин ширкат чӣ гуна аст ва чаро ҳоло намояндагони он дигар аз тариқи матбуот дар ин бора чизе намегӯянд ? - посух дод, ки ин ширкат ба ҳеҷ куҷо нарафтааст, балки аз соли 2013 бо ҷалби ду ширкати дигари бонуфузи хориҷӣ "Tetis" (Фаронса) ва "CNPC" (Хитой) дар иҷрои тарҳи таҳқиқоти васеътари манбаъҳо ва конҳои табиӣ дар ҷанубиТоҷикистон фаъолият  мекунад.

Вай дар идома афзуд, ки ин ширкат қариб даҳ сол пеш вориди Тоҷикистон шуда, барои кор дар 28 минтақа иҷозаи таҳқиқро то соли 2033 дорад.

Ба гуфтаи вай, омӯзиши геологии конҳои нафту газ дар чанд соли дигар аз бахшҳои муҳими барномаи ҳамкорӣ бо ин ширкат буда ва онон ба натиҷаҳои хуб умедвор ҳастанд.

Сардори саридораи геология таъкид кард, ки кори таҳқиқи конҳо  кори дарозмуддат буда ва сармояи калон мехоҳад, бинобар ин интизориҳои мо барои дидани натиҷаи ниҳоии ин ҳамкорӣ вақти бештар металабад.

Дар ин нишасти хабарӣ,  ки ба натиҷаҳои шашмоҳаи аввали соли  2015 бахшида шуд ҳамчунин қайд гардид, ки "Тетис" яке аз ширкатҳои ҳамкори  Тоҷикистон  буда,  дар ин бахш ҳамчунин ширкати "Газпромнафт"-Русия низ фаъол ва дар чандин ҷоҳи газу нафт машғули таҳқиқ ва пармакардани замин аст.



Вай кори ин ширкат дар минтақаи "Сариқамиш"-и ноҳияи Шаҳринавро мусбат арзёбӣ кард ва гуфт: - Бар асоси гузориши ин ширкат ҳоло дар ин кон дар чуқурии 6450  метр парма шуда ва таҳқиқ то поёни соли ҷорӣ идома мекунад.

Дар ин  конфаронс  ҳамчунин дар робита ба иҷрои корҳои шартномавӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ  аз рӯи 35 лоиҳа , анҷоми корҳои пармагарӣ, иктишофию пармагарӣ гузориш дода шуд.

Дар ин нишаст гуфта шуд, ки саридора дар ин муддат бо 34 ширкат, дар маҷмӯъ ба маблағи беш аз 13 миллион сомонӣ қарордод оид ба пардохти бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ баста, фоизи пардохти роялтӣ барои ҳар як истифодабарандаи қаъри заминро дар алоҳидагӣ муайян кардааст.

Ташкили давраҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос барои 17 нафар дар Финландия, Хитой, Қазоқистон ва иштироки ҳайати расмӣ дар Конгресси кӯҳшиносони Осиё дар Сингапурро аз дигар бахши гузориш дар бораи фаъолияти ин саридора  буд.

Дар конфаронс таъкид шуд, ки кормандони соҳаи геологияи ҶТ дар соли 2015 кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва корҳои таҳқиқотиро барои кашфи захираҳои канданиҳои фоиданок зиёд намуда, ба ин васила барои ғанӣ кардани буҷаи давлат дар оянда саҳми бештар гузоранд.

Бинобар  таҳқиқоти анҷомшуда фақат дар майдони минтақаи Бохтари вилояти Хатлон дар ҷануби Тоҷикистон  захираи 3, 22 триллион метри мукааб газ ва 8,5 милиард баррел нефт мавҷуд аст.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

# ҲНИТ ва ДИ аз як сарчашма об мехӯранд

**Чун тиннату замирашон сиёҳ аст, ин рангро либосу ливои худ кардаанд. Зеро вуҷудашон сиёҳ асту ақлашон сиёҳу нияташон сиёҳ. Аммо аз ранги сурх лаззат мебаранд. Мехоҳанд ҳама машриқзаминро бо ин ранг лолагун созанд. Ранге, ки асосаш хуни инсонист. Хуни мусулмонист. Хуне, ки бо дасти ҳамдину ҳамкеш мерезад.**

Бо омехтаи ин ду ранг кӯшиши давлатсозӣ доранд. Номашро ҳам гузоштаанд - Давлати исломӣ. Давлате, ки мехоҳанд дар пояи ҳазорон сарҳои бурида, ҷонҳои зинда зери хок карда, наврасону кӯдакони бо ваҳшонияти хос қатлнамуда бисозанд. Тибқи иттилооти расонаҳои расмӣ дирӯз ду занро сар бориданд, ду кӯдакро чормех карданд, танҳо ба хотири он, ки рӯза надоштаанд. Масҷидеро тарконидаанд, ки 27 нафар намозгузор дар пайи он кушта шудааст. Ба маҳаллаи курднишин ҳамлаи интиқомҷӯёна анҷом додаанд ва дар натиҷа беш аз 20 нафар мӯйсафедону занони оҷиза ва тифлони маъсум ба қатл расонида шудаанд. Ҳамарӯза чунин кушторҳо идома доранд. Давоми чанд моҳи охир беш аз 3 ҳазор нафарро ба қатл расониданд.

Ҳамаи ин бадбахтист. Вале бадбахттар аз ин он аст, ки ҳамватанони моро дар ин ҷангҳои мусулмонкуш лақабҳое мисли "Абумаҳдӣ ат-Тоҷикӣ" ва монанди инҳо дода, ҳамчун силоҳ истифода мебаранд. Баъди гузаронидани мағзшӯии мақсаднок ва дар шуури торики онҳо ҷой кардани афсонаҳои бофтаи "ҷиҳоду шаҳодат" онҳоро ҷониби худкушӣ раҳнамун месозанд ва ин манқуртҳои ақлбохта бо боварию итминони роҳёбӣ дар биҳишти хаёлиашон даҳҳо нафар бегуноҳро ба коми марг мефиристанд. Оё ҳамин аст исломе, ки ҳамарӯза барои мо талқин мекунанд? Сукутро аломати ризо гуфтаанд.

Шахсан банда дар Тоҷикистон таблиғи "ҷиҳоду шаҳодат"-ро танҳо аз забони роҳбарони ҲНИТ, пеш аз ҳама Муҳиддин Кабирӣ ва Саидумар Ҳусайнӣ шунидаам. Ин калимаҳо зимни ҳар як вохӯрии онҳо бо ҷавонон, ки ду-се соли охир баъди ҳар як намози ҷумъа дар дафтари марказии ҲНИТ дар шаҳри Душанбе баргузор мешуданд, даҳҳо бор садо медоданд. Ва заминаи образи мусбӣ гирифтани ин вожаҳо дар мағзи ҷавонони тоҷик низ аз ҳамин ҷо сарчашма гирифтааст.

Ҳамаи ин падидаҳо дар ҷои хушку холӣ пайдо нашудаанд. Ҳама занҷираи як ҳақиқаанд. Давлати исломӣ дар кадом замина арзи зуҳур кард? Аз қавли коршиносони рус соли 2012 Арабистони Саудӣ, Қатар ва Туркия бо роҳнамоӣ, ҳидоят ва маблағгузории Ғарб мухолифини Ҳукумати Сурияро дастгирӣ ва пуштибонӣ намуданд, ки режими барояшон номақбули Башар Асадро аз байн бубаранд. Вале муваффақ нашуданд. Ҷини аз кӯза сардодаашон, чун хешро дар муқобили артиши Сурия оҷизтар дид, самти ҳуҷумашро тағйир дод ва рӯ ҷониби Ироқ гардонид. Минтақа ба вазъе гирифтор шуд, ки ҳоло дорад. Аҷибтарин тарафи қазия ин аст, ки имрӯз Ғарб ва кишварҳои зикргардидаи минтақаи террористони Давлати исломиро дар қаламрави Ироқ бомбаборон мекунанду дар ҳудуди Сурия дастгирию пуштибонӣ.

Барои фарди ноогоҳ ҳатман суоле пеш меояд, ки ҳамаи инро бо ҲНИТ чӣ нисбатест? Посух ба ин пурсишро метавон аз таҳлили муносибатҳо пайдо кард. Пеш аз ҳама, аз пайвастагии ҲНИТ бо ҳаракати "Ихвонулмуслимин". Барои ҳеҷ кас пӯшида нест, ки пуштибони аслии молии ин ҳаракат аслан Саудӣ ва Қатар мебошанд. Пешвоёни маънавии созмон, ба шумули Юсуфӣ Қарзовӣ дар Қатар паноҳгоҳ ёфтаанд ва аз ҳамон ҷо фаъолияти ихвону бахшҳояшро дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла ҲНИТ, идораю роҳнамоӣ мекунанд. Ҳидоятгари бевоситаи Қарзовӣ бошад, ҳоҷат ба муаррифӣ надорад, зеро худи арабҳо барояш лақаби "Муфтии НАТО"-ро арзонӣ доштаанд.

Аввали моҳи июни соли ҷорӣ, додгоҳи Миср собиқ Президенти кишвар ва роҳбари "Ихвонулмуслимин" Муҳаммад Мурсӣ ва як қатор ҳамдастонашро бо ҷурми хиёнат ба Ватан, ҷосусӣ ба нафъи дигар кишварҳо ва содир кардани як қатор ҷиноятҳои вазнин ба қатл ва ҳабси абад маҳкум кард. 29 июн бошад, Ҳишом Баракот, додситони кулли Миср бар асари таркиши мина дар шимоли шаҳри Қоҳира кушта шуд. Сӯиқасд ба номбурда дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамчун амали террористӣ маҳкум карда шуд. Аммо наҳзатиҳои Тоҷикистон бо қалами яке аз идеологҳои пешгоми худ Ҳикматулло Сайфуллозода бо нишоту қаноатмандӣ ин хабарро пахш карданд ва сарлавҳаи онро "Аз мукофоти амал ғофил машав", гузоштанд (nahzat.tj аз 30.06.2015). Ҳоҷати шарҳи дигар нест. Танҳо аз ҳамин ҷо бар меояд, ки ҲНИТ дар пайроҳаи фаъолияти хеш ҳатто куштори инсонро қабул дорад ва мепазирад. Гарчанде ин амал муқобили (қонунро канор мегузорем) фармудаҳои қуръонии худовандӣ бошад. Ва мантиқи фалсафаи "ҷиҳоду шаҳодат"-и наҳзатӣ низ пушти ҳамин манфиатҳои ҳизбӣ ниҳон аст. Онҳо ҳамон исломеро қабул доранд, ки худ мехоҳанду хоҷагони хориҷиашон. Ҳамон исломи мусулмонкуш. Исломе, ки ранги сиёҳу торикиро байрақи худ кардаву обу замини бархе аз кишварҳои минтақаро бо хуни мусулмон лолагун сохтааст... .

**Анвари КОМИЛ**

## Нишасти матбуотӣ

# ҲАМКОРИҲОИ СУДМАНД

Дар нишасти матбуотии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шуд, ки теъдоди хизматчиёни давлатӣ **18582 нафар** буда, аз ин шумора **4414 нафар** ё **23,7 фоиз**ро занон ва **7968 нафар** ё **42,8 фоиз**ро ҷавонони то сини 35-сола ташкил медиҳанд. Тибқи нақшаи кории Агентии хизмати давлатӣ барои соли 2015 вазъи иҷрои қонунгузории хизмати давлатӣ дар Вазорати саноат ва технологияҳои нав , Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Чкалов, Ваҳдат, Зафаробод, Ванҷ, Рӯшон, Шаҳритус, Вахш, Балҷувон, ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ҳамин шаҳру ноҳияҳо мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳамзамон ба хадамоти кадрии мақомоти мазкур кӯмаки методӣ расонида шуд.

Дар баробари ин зикр гардид, ки як қатор пешравиҳо низ дар ин самт дида мешаванд. Чунонки моҳи апрели соли равон байни Агентии хизматии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Созишнома оид ба ҳамкориҳо дар самти таҳсили хизматчиёни давлатӣ ба имзо расид. Ҳамчунин дар ҳамин давра аз 16 мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ 27 хизматчии давлатӣ барои иштирок дар озмуни магистратураи мактаби олии Ҷумҳурии Корея пешниҳод гардиданд. Ҳамкориҳои судманд бо шабакаҳои минтақавии Остона оид ба масъалаҳои хизмати давлатӣ идома дошта, кормандони Агентӣ ҷиҳати иштирок дар конференсияҳои байналмилалии соҳаи хизмати давлатӣ - **"Низоми идоракунӣ ва одоби хизматӣ ҳамчун омилҳои асосии самаранокии хизмати давлатӣ"** ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва **"Поквиҷдонии касбӣ ва мубориза ба коррупсия: таҷрибаи давлатҳои аъзои Шабакаҳои минтақавӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ (таҷрибаи Гурҷистон)"** ба шаҳри Батумӣ фиристода шуданд.

**Г.МАДИМАР**

**Солҳои охир дахолати давлатҳои абарқудрат ба вазъияти дохилии кишварҳо боиси сар задани муноқишаҳои гуногун ва инқилобҳо гардид. Ҳамин аст, ки таъмини амнияти давлатӣ дар ин росто аҳамияти бештареро тақозо мекунад.**

OPEN SOCIETY FOUNDATIONS

# ОЁ ФОНДИ СОРОСРО МЕБАНДАНД?

**Кишварҳои рақиб барои амалӣ сохтани ҳадафҳояшон аз созмонҳои ҷамъиятии гуногуни хориҷӣ ва байналхалқиву дохилӣ, ки мавриди таъсирашон ҳаст, истифода мекунанд. Баъзе аз ин созмонҳо зери ниқоби кӯмакҳои башардӯстона дар асл ба кашшофӣ ва паҳн кардани амалу идеяҳои барои мардуми маҳаллӣ номақбул машғуланд. Масалан, созмонҳои байналхалқии хориҷӣ гӯё барои дастгирӣ аз "ақаллиятҳои шаҳвонӣ" фоҳишагарӣ ва ҳомосексуализмро тарғиб мекунанд ва ба ин гурӯҳҳо аз нигоҳи маънавию моддӣ кӯмак мерасонанд. Ҳамчунин баъзе аз ин созмонҳо гӯё барои "демократикунонии ҷомеа" бо воситаҳои гуногун барои қабули қонуну санадҳое мусоидат мекунанд, ки ба манфиати кишвар нест. Яке аз чунин созмонҳо - Институти "Ҷамъияти Кушода" - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон аст, ки ҳудуди 20 сол боз дар ҷумҳурӣ озодона фаъолият мекунад. Созмони мазкур бахши тоҷикистонии Фонди Сорос буда, он ба миллиардери америкоӣ Ҷорҷ Сорос тааллуқ дорад. Фонди мазкур дар сар задани табаддулотҳои давлатӣ дар бисёр кишварҳо мусоидат кардааст. Аз ҷумла, тавассути пули Фонди Сорос инқилобҳои ранга дар Қирғизистону Гурҷистон ва Украина рух додаанд. Моҳи майи соли 2014 худи Ҷорҷ Сорос изҳор дошта буд, ки фонди ӯ дар сар задани ин ҳодисаҳо нақши калидӣ дорад.**

**Ин нуктаро ба назар гирифта, баъзе кишварҳо барои таъмини амнияти давлатӣ чораҳои мушаххас меандешанд. Масалан, 19 майи соли 2015 Думаи давлатии Федератсияи Русия лоиҳаи Қонун дар бораи "Ташкилотҳои номақбул"-ро қабул кард. Тибқи қонуни мазкур, ки аз 3-юми июни соли равон амалӣ мешавад, созмони хориҷӣ ё байналхалқие, ки ба асоси сохтори конститутсионии Русия, вазъи дифои кишвар ва амнияти давлат хатар эҷод мекунанд, ташкилоти номақбул дониста мешаванд. Дар ин бора додситони генералӣ ва ё муовини ӯ бо ризоияти Вазорати умури хориҷии ФР қарор қабул мекунад. Рӯйихати ташкилотҳои номақбулро Вазорати адлияи Федератсияи Русия мавриди назар қарор дода, онро эълон менамояд.**

**Баъди мавриди амал қарор гирифтани қонуни номбурда вакилони Думаи Давлатӣ Валерий Рашкин ва Сергей Обухов бо дархости расмӣ аз додситони генералии ФР Юрий Чайка хоҳиш карданд, ки фаъолияти Институти "Ҷомеаи Кушода" (Фонди Сорос)-ро дар қаламрави Россия ҳамчун ташкилоти номақбул қатъ намояд. Нусхаи дархост ба Вазорати умури хориҷии ФР ва Вазорати адлияи ФР фиристода шудааст. Ҳоло чӣ тасмим гирифтани додситони генералӣ маълум нест, вале бешак дархости вакилон мусбат арзёбӣ мешавад.**

**Қобили зикр аст, ки ба ташкилотҳои номақбул фаъолият кардан дар қаламрави Федератсияи Русия манъ буда, бахшҳои он баста мешаванд ва онҳо дигар ҳуқуқи паҳн кардани маводи иттилоотиро надоранд. Ҳамчунин ба созмонҳои номақбул аз ҷониби ташкилотҳои қарзиву молиявӣ хизмат расонида намешавад ва дар сурати муроҷиат кардан ба бонкҳо аз ин амал бояд мақомоти дахлдор ва Вазорати адлияи ФР огоҳ карда шаванд.**

**Тибқи Қонун дар бораи "Ташкилотҳои номақбул" барои иштирок дар фаъолияти ташкилоти номақбул ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Масалан, барои иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ташкилоти номақбул аз 5 ҳазор то 15 ҳазор рубл, барои шахсони вазифадор аз 20 ҳазор то 50 ҳазор рубл ва шахсони ҳуқуқӣ аз 50 ҳазор то 100 ҳазор рубл ҷарима карда мешавад.**

**Агар қонунвайронкунӣ характери доимӣ гирифта, дар як сол ду маротиба ҷазои маъмурӣ амалӣ шуда бошад, пас нисбати онҳо ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ мешавад. Масалан, аз 300 ҳазор то 500 ҳазор рубл ҷарима, корҳои маҷбурӣ ба муҳлати то 5 сол ва ё маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз 2 то 6 сол муқаррар шудааст.**

**Дар Тоҷикистон бошад, фирефтаи кӯмакҳои Фонди Сорос шуда, ба хатар доштани фаъолияти Институти "Ҷамъияти Кушода"- Бунёди Мадад дар Тоҷикистон чандон эътибор намедиҳанд. Ҳол он ки созмони мазкур бо таъсису дастгирии молиявии як қатор ташкилотҳои ҷамъиятӣ кайҳо дар Тоҷикистон "Колонаи панҷум"-ро таъсис додааст, ки дар лаҳзаи зарурӣ метавонанд табаддулот кунанд.**

**Беҳрӯзи ҶУМЪА**

Минбари халқ
8 июли соли 2015,
№28 (1007)

**Ба таваҷҷуҳи аъзои Комиссияи давлатии кории қабули роҳи автомобилии Душанбе-Турсунзода**

**Роҳҳо василаи асосии равобит, додугирифт, муносибати тиҷоративу фарҳангиву дӯстӣ байни қитъа, минтақа, давлат, шаҳру вилоят ва деҳу маҳалҳо буда, асоси ободию шукуфоӣ ва ҳам пешрафти ҷомеъаи инсониро ташкил медиҳанд.**



# РОҲ БОЯД БЕХАТАР БОШАД

**М**АҲЗ ба ҳамин хотир роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо муҳим ва аввалиндараҷа ҳисобида, бунёди роҳҳои ба талаботи давру замон ҷавобгӯро маҳаки асосӣ ва вазифаи ҷонӣ донисита, ба ин самт эътибори ҷиддӣ равона кардаанд.

Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳо ва дастгириву кӯмаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 1650 километр роҳҳои мошингард таҷдиду бунёд шуда, 109 пул ва 27 километр нақб сохта, мавриди баҳрабардории умум қарор дода шудааст. Дар соҳаи нақлиёт бошад, айни замон, 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 5,5 миллиард сомонӣ дар амал татбиқ мешавад.

Роҳи дигари нақлиётгузаре, ки аҳамияти стратегиву минтақавӣ дорад ва маркази ҷумҳуриро бо навоҳии Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода ва давлати ҳамсоя-Ӯзбекистон ва бад-ин васила бо Русияву Аврупо мепайвандад, бино ба маълумот-тавсифи масъулини роҳу роҳсозӣ ва нақлиёт дар ҳолати бади истифодабарӣ қарор дошт ва ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ набуд. Рафтуомад, интиқоли молу маҳсулот ва кулли корҳои хоҷагии халқ бо душворӣ сурат мегирифт ва дар ин радиф, техникаву нақлиёт аз ҳама ҷиҳат осеб медид, ба садамаи гуногун мувоҷеҳ мегашт. Зарари молиявиаш бошад, ба аҳолӣ ҳамасола мерасид.

Маҳз, ана ҳамин омил-сабабҳои объективиро ба инобат гирифта, дар ин самт "Лоиҳаи беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе - Турсунзода" мавриди татбиқ қарор дода шуд, ки аз моҳи октябри соли 2011-ум корҳо дар ин ҷода шурӯъ шуда, 61 километрро дарбар гирифта , арзиши умумии лоиҳа 131,2 миллион доллари амрикоиро ташкил медод.

Дар таркиби лоиҳа роҳи нақлиётгарди минтақаи Ҳисору Шаҳринав низ шомил буд, ки қисми бештари роҳро дарбар мегирад. Ҳаҷми лоиҳа дар ноҳияи Ҳисор 21 км бо сохтмони 1 кӯпруки нави дарозиаш 19, 5 метр ва таҷдиди 1 пули мавҷудбуда ба маблағи умумии 33,18 млн. доллар ба нақша гирифта шуда буд.

Бино ба маълумоти масъулини Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо, 36 километр роҳи нақлиётгузари Душанбе - Турсунзода дар соли 2013-ум бояд таҷдид мешуд ва 25 километри боқимондааш то моҳи октябри соли 2014 -ум пурра ба итмом мерасид ва дар хизмати мардум қарор мегирифт. Яъне мувофиқи муҳлати пешбинигардида ин лоиҳа бояд татбиқ мешуд. Роҳи мазкур ба "категорияи 1" мансуб буда, чунин роҳ дар ҷумҳурӣ ягона маънидод гардид ва бунёди он ҳамаро шод мекард ва кулли расонаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла радиову телевизион бетанаффус ин хушхабарро ба мардум мерасониданд.

Мутаассифона, баъд аз чанд муддат роҳе сохта шуд, ки аз роҳи қаблӣ он қадар тафовут надорад. Паҳноияш дар як самт ба зӯр ду нақлиётро меғунҷонад ва дар ҳолати ногаҳон бо сабаби таваққуфи яке аз нақлиёт бархӯрдани нақлиёти дигар бо ҳам амри воқеъист. Роҳи мазкур аз дарвозаи шаҳри Душанбе, минтақаи Чоряккорон, Учқул ва ҳамин минвол то шаҳри Турсунзода танг ва каҷмакаҷу пурхавфу хатар аст, мусофирон ҷон дар кафи даст сафар мекунанд. Ва ё дар ҷо-ҷои роҳ-дар мобайн гулзор ва "пали шолӣ" бунёд кардаанд. Ин чӣ маънӣ дорад?! Ронанда ба роҳ, ба аломатҳои роҳ эътибор медиҳад ва ё ба гулзори байни роҳ?

Гузашта аз ин, баъзе қитъаҳои роҳ чунон баланд бардошта шудааст, дар ҳолати нақлиёт аз роҳ баромадан он ҳатман чаппагардон мешавад ва ё ба дохили манзили зисти аҳолии ду канори роҳ меҷаҳад, ҳол он ки дар роҳи пешина мошин аз роҳ ҳам мебаромад, то ҷое имкони идора кардани он буд. Ба ҳар ҳол ба замини ҳамвор мерафт. Аз истифодабарии роҳ ҳанӯз он қадар вақт нагузаштааст, лек пули мошингузари Чоряккорон моҳҳо дар таъмир аст ва ҳар саҳару бегоҳ дар ин минтақа танбашавии нақлиёт мардумро асабонӣ мекунад ва бисёриҳо аз мо журналистон бо кинояи мепурсанд, ки магар ҳамин аст, роҳи таърифии "категорияи 1"-у ягонаи шумо?! Болои ин, дар чунин ҳолат дидаву дониста, кормандони пост нақлиётро заруру нозарур манъ мекунанд, ки як ҳолати садамавиро ба миён меоранд ва боиси қаҳру ғазаби ронандагон мегарданд. Ва саволе ба миён меояд, ки дар ин ҷо пост чӣ зарурияте дорад?!

Таҷдиду сохтмон ва барқарорсозии роҳи нақлиётгузари Душанбе-Турсунзода идома ёфта, дар охири соли 2014-ум он бояд пурра ба истифода дода мешуд, аммо то ба ин дам корҳои зиёди таҷдид, барқароркунӣ ва сохтмони иншооти гуногун дар ин қитъа ҷараён дорад. Ҳар ҷо-ҳар ҷо дарбеҳкунӣ, канокаииҳои роҳ ва васлу насби коммуникатсионӣ ба назар мерасад.

Мегузарем ба масъалаи роҳи нишебии хоҷагии "Ватан" ва ё ба истилоҳ нишебии Шоҳамбарӣ. Аслан, мушкилот дар фаслҳои сармо ин минтақа ва нишебии Батош буд, ки нақлиёт бо азобе гузар мекард. Ва зимистони сипаришуда дар ҳолати андак боридани барф нақлиёт дар нишебии Шоҳамбарӣ наметавонист бароянд ва танбашавиву бархурди мошинҳо, асабонияту дашному алфози қабеҳ сурат мегирифт. Яъне, ин нишебиҳо ба таври зарурӣ паст карда нашудаанд ва аз роҳи қаблӣ ҳеҷ як бартарие, беҳбудие надоранд.

Масъалаи дигар бо вуҷуди он ки роҳ тангу пургардиш аст ва сели мошинҳо лаҳзаву замон бо суръати баланд дар рафтуомаданд, ин ҳам мусаллам аст, ки сол то сол сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳ ва теъдоди нақлиёт зиёд мешаваду ҷомеъа рушду нумӯъ меёбад, дар масири сераҳолии километри 61-ум ягон гузаргоҳи заминӣ сохта нашудааст ва касе дар ин бора фикр ҳам накарда, ки аз роҳ мардум-аз хурд то бузург шабу рӯз мегузаранд, мактаббачаҳо роҳро убур мекунанд, сокинони деҳаҳои канори роҳ молу замину хоҷагии деҳқонӣ доранд, хоҳ-нохоҳ аз ин роҳ шабонарӯз камаш се чор маротиба мегузаранд. Ва дар мобайни роҳ боз садди оҳанини беаломат гузошта шудааст. Мардум чӣ гуна аз роҳ гузарад?! Албатта, қоидаи роҳ дағалона вайрон карда мешавад…

Мусаллам аст, ки ин ҷо аз ҷараёни татбиқи "Лоиҳаи беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон"(ЦАРЕС-3) дар соли 2014-ум дар ин минтақа корҳои сохтмонӣ, барқарорсозӣ, кӯчонидан ва ҷобаҷокунии аҳолии дар канори роҳ буда идома дошт ва мувофиқи шартномаи лоиҳа, бояд зарарбинанда бо замин таъмин мегашт, мутаассифона, ин кор ҳам бо мушкилот мувоҷеҳ буд ва аксар аз ҳуҷҷатгузорӣ изҳори норозигӣ мекард.

Ҳадафи лоиҳа аслан ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани ҳолати қитъаи роҳи байналхалқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмин намудани зудҳаракатӣ ва беҳтар намудани робитаи байналхалқӣ дар ҳудуди лоиҳа, инчунин, паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи таъмини ҷойҳои нави корӣ дар давраи татбиқи лоиҳа буд, ки дар ин кор то ба куҷо муваффақ шудаанд, сиррест махфӣ.

Ва тавре ба мо маълумот дода буданд ва васфу таърифи беҳад карданд, гардиш-ҳалқаи роҳи маркази деҳаи Шӯроби ҷамоати деҳоти "Сомон", гардиши ноҳияи Ҳисор ва гардиши Шаҳринав бояд роҳи дуқабата мешуд, вале ҳайҳот!!! Ин мавзеъҳо чунон хатарнок шуда, ки ҳатто пиёдагард наметавонад бе ташвишу изтироб аз роҳ гузарад!!!

Рӯзи 3 июли соли ҷорӣ аз сабаби тангии роҳ ва номувофиқ будани канораи роҳ ронандаи комбайни ғалладарав аз тарси он ки ба нақлиёт барнахӯрад ва талафи ҷонӣ нашавад, дар деҳаи Мортеппа ба симчӯби канори роҳ бархӯрда, онро чаппа кард. Яъне, зарари дуҷониба!!!

Ҳамин тариқ, даромадан ба деҳаҳо ба як проблемаи ҷиддӣ табдил ёфта, аз як ҷониб роҳ дар баландиву хонаҳо дар пастӣ мондаанд, аз ҷониби дигар, барои ба деҳае даромадан мебояд то ду километр масофаи зиёдатиро тай кард. Тасаввур кунед, ки чӣ қадар вақт, чӣ қадар маблағ, чӣ қадар сӯзишворӣ ва чӣ қадар зиёни рӯҳӣ ба мардум хоҳад расид?! Ин зарару зиёнро кӣ талофӣ хоҳад кард?! Дар бештари деҳаҳо ҷои қаблии истгоҳҳоро аз баромадгоҳи деҳа дур сохтаанд, ки мардум аз ин шиква доранд. Масалан, дар деҳаи Мортеппаи Поён истгоҳро аз ҷойи аслиаш қариб як истгоҳ дур сохтаанд. Чунин ҳолат дар масири деҳаҳои Узун, Чузӣ, Кофирқалъаи ноҳияи Шаҳринав ва дигар деҳаҳо ба мушоҳида мерасад. Шояд барои мардуми хитойӣ чунин роҳ ва тарзу усул роиҷ бошад, лек барои мардуми мо сабукӣ, беҳ сохтани вазъу ҳолати роҳро мебояд андеша кард. Маъюбону беморон ва пирону беҳолон чӣ гуна аз болои ин ҳама саддҳо метавонанд убур кунанд?! Масъулини Вазорати нақлиёт, бахусус мутахассисони лоиҳа-шаҳрвандони Тоҷикистон оё андеша накардаанд?! Ҳол он ки лоиҳа чунин номгузорӣ шудааст:- "Лоиҳаи беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон".

Ва мо журналистон ин роҳро чӣ гуна тавсиф, тарғиб ва муаррифӣ кунем ба сокинони ин минтақа?!

Вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ бошад, қайд кардан лозим аст, ки татбиқи лоиҳа баъдан ба 2 қисм ҷудо шуд. Қисмати аввали лоиҳа аз дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе то сарҳади Ӯзбекистон, аз километри 4,6 то км 61,6 бо дарозии 57 км буда, арзиши умумии лоиҳа 131,2 млн. долларро дар бар мегирад.

Сарчашмаҳои маблағгузор гранти Бонки осиёии рушд ба маблағи 120 млн. доллар, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 11,2 млн. долларро дар бар гирифтааст.

Ҳамагон шоҳидем, ки кор дар ин минтақа шабонарӯзӣ ба роҳ монда шуда буд, аллакай қисмати зиёди роҳ барқарор карда шудааст ва қисмате дигар дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад ва мардуми навоҳии Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода дар интизори ба истифодаи умум супоридани ин шоҳроҳ- "Роҳи категорияи 1" мебошад.

Тавре маълумамон гашт, маблағҳои азхудкардашуда 95 млн. доллар буда, фоизи азхудкунӣ аз аввали татбиқи лоиҳа 72,3 фоизро ташкил додааст, ки на ҳама маблағи пешбинишуда сарф шудааст. Яъне, ҳоло беш аз 35 миллион доллар боқӣ мондааст!!!

Масъалаи муҳим ва асосӣ ин кӯчонидани аҳолӣ ва ҷудо кардани замин бо дарназардошти иловаи 1-3 ба 361 хоҷагӣ, ҷуброни маблағи 3,05 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда буд ва ин масъала роҳи ҳалли худро гӯё, ки ёфтааст.

Аз ҷараёни корҳо, меҳнати шабонарӯзиву беистироҳати коргарон дар ин минтақа ба хулоса омадем, ки дар муҳлати муайянгардида, яъне дар моҳи октябри соли 2015-ум ин шоҳроҳ бо ҳама талаботи замонавӣ ба истифода дода мешавад ва мардум аз ин ҷода босамар, бе мушкилот истифода хоҳанд кард. Ва 2 сол, ки муҳлати кафолатӣ пешбинӣ гаштааст, масъулияти коргарон ва масъулинро дучанд афзуда, бояд бо сифати баланд роҳро созанд, то минбаъд мушкилот эҷод накунад!!!

Ногуфта намонад, ки шоҳроҳи Душанбе-Турсунзода-сарҳади давлати ҳамсоя-Ӯбекистон аз пойтахт, аз назди муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино шурӯъ мешавад ва аз ин мавзеъ то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе бо маблағгузории Бонки аврупоии таҷдид ва рушд бояд таҷдид ва барқарор карда шавад. Маблағи умумии лоиҳа мувофиқи асоснокkунии техникию иқтисодӣ 70 миллион долларро ташкил медиҳад. Маблағи пешниҳодшуда бошад, мувофиқи созишномаи қарзӣ 35 миллион доллар мебошад. Барқароркунии қитъаи роҳ аз назди муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе 4,6 километр бо паҳноии 68 метр ва ҳаракати 8-хатаи нақлиёт ва хатти иловагӣ барои ҳаракати нақлиёти мусофирбар, азнавсозии чорроҳаҳои назди ҳайкали Абӯалӣ ибни Сино ва шаҳраки 82-юм дар сатҳи мухталиф пешбинӣ гардидааст, ки татбиқи он ба рушди пойтахт, бехатарии ҳаракати нақлиёту шаҳрвандон дар оянда мусоидат бояд кунад.

Аз муҳлати барои иҷрои корҳои сохтмонӣ муқаррargardida (37 моҳ буд) то имрӯз 45 моҳ гузаштааст, ки ҳанӯз ҳам корҳои нобасомон вуҷуд дорад. Ҳаҷми корҳои иҷрошуда қафомониро нишон медиҳад.

Бо ин ҳама роҳи Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон низ мисли дигар роҳҳо бояд ба кулли талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. На роҳе аз ибтидо пурхатар ва пурфоҷиа барои мардум …

Аз ин рӯ, аз масъулини лоиҳа ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, билхосса комиссияи қабул умеди онро дорем, ки ҳангоми қабули ин роҳ андешаи ояндаро намуда пас аз бартараф кардани кулли камбудиҳо онро қабул мекунанд. Охир, ин роҳ садсолаҳо ба мардуму ҷумҳуриамон бояд хизмат кунад!

**Абдуғаффори УБАЙДУЛЛОҲ,**
*журналист*

- Чаро «диндорон»-и ҷавон аз мазҳаби мо безоранд?
- Чӣ боиси ифротӣ шудани онҳо мегардад?
- Оё расму оини бобоии мо куфр аст?

# Равияҳои нави динӣ

## ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА АНЪАНАҲОИ МАРДУМИИ МО

**Истиқлолият, ки неъмати бебаҳост, барои дигар кишварҳо ба осонӣ, аниқтараш гузаштан ба механизми нави давлатдорӣ ба даст омада бошад, ҷумҳурии мо бо таҳмили ҷанги шаҳрвандӣ онро ба даст овард. Ба қавли дигар ҳамон ҷанги бародаркуш барои мо сабақи талхе гардид, ки мо аз он бояд хулосаи зарурӣ барорем ва барои садсолаҳо бояд дарс гардад.**

Мутаассифона, раванди рӯзгори имрӯзи мардуми мо, хусусан, амалҳои нодурусти иддае касро водор мекунад, чунин хулоса барорад, ки "аз афташ рӯзҳои вазнини паси сар шуда, барои ин тоифа дарс нашудааст". Хусусан, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои характери экстримистӣ дошта, маро ҳамчун шаҳрванд сахт ба изтироб овардааст. Дар урфият мегӯянд, ки "Бетараф душмани худост!". Аз ин рӯ, ҳамчун як шаҳрванди оддӣ мехоҳам баъзе фикру мулоҳизаҳоямро аз шунидаҳо ва мушоҳидаҳои хеш бигӯям.

### БЕЭҲТИРОМӢ

Рамазони имсола аз шаби аввали намози таровеҳ падари 80-солаам аз вақти мӯлҷаршуда дер ва парешонхотиру малул баргаштанду сабабашро гуфтанд, ки намозхонҳои ҷавон чанд тан муллобачаҳои исфарагиро даъват карданд, ки онҳо сураҳои дарозро хонданду мӯҷиби кашол ёфтани намози таровеҳ шуд. Ҳатто, чанде аз калонсолон то охири намоз тоқат накарданду онҳоро ғанаб бурд.

- Намозхонҳои ҷавон хостанд дар моҳи муборак Қуръонро хатм кунанд,- гуфтанд ҳазрати қиблагоҳ,- хайр ҳамон хатми Қуръонро бо имоми худамон ҳам кардан мумкин буд-ку…

Шаби дигар падарам аз намози таровеҳ боз ҳам ошуфтаҳол баргаштанду гуфтанд:

-Имшаб ҷавонон бо имом "тезу тунд" шуданд. Имом онҳоро таъкид кард, ки намози таровеҳро тибқи суннати мазҳаби имоми Аъзам адо намоянд. Ба масчид бо "шорт"-у сарлуч наоянд ва то анҷоми намоз таҳаммул пазиранд.

Ҷавонон бо ситеза гуфтанд, ки "замон дигар шудааст, шумоён кӯҳна шудед, агар манъ кунед, мо ба масҷид намеоем". Баъди он ҳазрати қиблагоҳ оҳ кашиданд ва гуфтанд: Аҷиб замонаҳо шуд! На эҳтироми калонсолон мондаасту на иззату икроми имом. Наход мо то ҳамин андоза аз одобу ахлоқи ҳамида дур шуда бошем.

### КАРНАЙ НАНАВОЗЕД, КИ МУЛЛОҲО АЗ МАЪРАКА МЕРАВАНД

Соле муқаддам дар маъракаи тӯйии яке аз хешовандон ширкат доштам. Вақти омадани меҳмонҳо фаро мерасид. Тибқи анъана карнайнавозон мебоист меҳмонҳоро бо навои карнай истиқбол гиранд. Аммо, онҳо бо ҳар баҳона карнай наменавохтанд. Бо вуҷуди он, ки соҳиби маърака, аниқтараш бобои домод ва чанд тан аз ҳозирин таъкид мекарданд. Мегуфтанд, ки "ҳоло вақт ҳаст, андаке сабр кунед". Бобои домод ахирон сахтакак гап зад, ки карнайнавозон ноилоҷ тараддуд карданд. Ин лаҳза аз дохили тӯйхона фарзанди хурдии хонадон ба падараш нидо кард:



- Дадо, карнай нанавозад, ки домуллоҳо хеста мераванд!

Бобои домод бо қаҳр ба писараш гуфт:

- Рав, аз паи корат шав! Карнай навохтан анъанаи мардумии мост!

Ман ҳам худро дошта натавониста падари домодро дастгирӣ кардам. Аҷиб он буд, ки ҳамин лаҳза дар паҳлӯи он ҷавон чанд тан аз роҳбарони маҳалла, ки якеаш дар гузашта коммунист буду имрӯз бо амри тақдир Хонаи Худовандро зиёрат кардааст, меистоду он ҷавонро адаб намедод, ки садди роҳи хоҳиши падар нагардад.

Карнайнавозон ноилоҷ андаке "ба номаш" ҳунарнамоӣ карданду созҳояшонро ғундоштанд.

Воқеан ҳам дар он маърака ба ҷуз чанд тан аз домуллоҳои ҷавон аз ҷумла, зиндаёд Қорӣ Наимҷон Хуҷандӣ низ ширкат дошт.

Ман эҳсос кардам, ки табъи тӯёнаи бобои домод сахт хира гашт. Баъди оши тӯй бобои домод арӯсро пешвоз нагирифта, ба хонааш баргашт. Ҳарчанд писари калониаш (падари домод) хоҳиш кард, ки дар базмаш низ ширкат кунад, ё ақаллан то омадани арӯс сабр кунад, рад кард ва мо ҳарду ба хона баргаштем…

Раҳораҳ бобои домод бо ҳасрат гуфт: -Ман аз ҳамин писари хурдӣ бехабар мондам, ки ба роҳи хато рафтааст. Ҳарчанд насиҳат мекунам, гӯш намекунад…

Дирӯз шунидам, ки тағои домод, чун дид, ки ба истиқболи меҳмонон карнай навохтаанд, қаҳр карда, тӯйхонаро тарк кардааст. Вақте ҳамсари ӯро хешовандон ба базми арӯсӣ даъват мекунанд, дар ҷавоб мегӯяд:

-Андак вақтчоқиро гуфта, ба дӯзах рафтан намехоҳам…

### ОТАШ ЧӢ БАДӢ ДОРАД?!

Дар тӯйи дигар аз аҳли маҳалла иштирок доштам. Базм ба охир расид ва тараддуди арӯсу домодро ба хонаашон овардан доштем. Аз падари домод, ки ҳамсолам аст, пурсидам: ҳезумро тайёр кардед, ки дами дарвоза бояд оташ гиронем. Дар ҷавоб гуфт:

-Аз рӯи қоидаҳои нав алов кардан мумкин набудааст.

-Кӣ гуфт?- пурсидам ман.

-Ошноҳои домод,-посух дод ӯ. Рости гап, сахт қаҳрам омад ва гуфтам:

-Тӯйро ту карда истодаӣ ё ошноҳои писарат? Охир ману ту, аз ману ту пеш падару модар ва бобову бибиҳоямон ҳамин хел гирди оташ "ёр-ёр" гӯёну "нақшхонон" ба хона даромадаем-ку?! Чаро аз худ қоидаҳои нав ихтироъ мекунед? Иловатан, дар Қуръони карим оташ чун яке аз чаҳор унсури пок зикр шудааст-ку?!

Падари домод чизе нагуфт ва ҳис кардам, ки "гапаш ба писараш нагузаштааст".

Вақти арӯсро овардан дар ҳақиқат дидам, ки соҳибони маърака тараддуди гулхан афрӯхтан надоранд. Яке аз ҷӯраҳои домод оҳиста ва пастакак гуфт: "Алов мумкин не!" Ба ҷониби ҷӯраҳои домод рӯй гардонида гуфтам:

- Падарону модарони шумо гирди гулхан давр гашта ба хона даромадаанд. Ё шумо падару модари худро рад мекунед? Оташ рамзи гармӣ, меҳру муҳаббат байни навхонадорон аст,- фаҳмонидам ба онҳо.

- Хайр, акнун мо надонем, домуллоҳо ҳамин хел гуфтанд,- ҷавоб дод дигаре. Гулхан афрӯхтем, вале домоду арӯс гирди гулхан давр назаданду рост ба ҳавлӣ даромаданд…

Аз нафарони ин гуна анъанаҳои навро ҷорикунанда пурсиданием, ки "карнай чӣ бадӣ дорад? Охир ҳазрати Пайғамбар (с) дар ҳадиси хеш низ мефармоянд, ки дар тӯю рӯзи шодӣ хурсандӣ кунед! Кас ҳайрон мешавад, ки ин зумра "дастуру ҳидоятҳои нав ба нав"-ро аз куҷо мегирифта бошанд? Дар ҳамин маврид як роҳбари мактаб, ки ҳоҷӣ ҳарамайн аст, дуруст мегӯяд, ки "миллатро бояд дӯст дошт, на расму оини бегонагон, хусусан мардуми арабро!"

Воқеан ҳам, манъкуниҳои ҳархелаи маросимҳои мардумӣ ва ба ду гурӯҳ ҷудо шудани мардуми намозгузор магар оташи низоъ андохтан байни ҷомеа нест?!

Бародари шарикдарсам дар айни гулшукуфтанҳои зиндагӣ дар 46-солагӣ баъди бемории вазнин аз олам чашм пӯшид. Дирӯз вохӯрда аҳволпурсӣ кардам ва дар омади гап аз рафтори амини маҳалла изҳори норозигӣ кард:

- Амини маҳалла рӯзи сеюм омада гуфт, ки "бас аст, азодорӣ, акнун ҳамаро ғундошта, аз паи коратон шавед". Мо авлоди бузург бошем. Хешу таборони дур дертар хабардор шуда, омаданашон мумкин…

Ба ҳамин монанд, ба таъзияи яке аз хешовандони дур рӯзи чаҳорум рафтем, ки ба ҷуз ягона писари марҳум шахси дигар нест. Гумон мекунед, ки аз фавти маит 20 рӯз сипарӣ шуда бошад. Дертар фаҳмидам, ки муллоҷавонҳои он маҳалла чунин дастур додаанд, ки "азо ҳамагӣ се рӯз, боқӣ дигар дарвозаро махкам кунед…".

### ТААССУБЕ БА ИХТИЛОФ МЕРАСОНАД

Боиси нигаронӣ аст, ки имрӯз мутаассибии иддае боло гирифта, ҳатто дар масҷидҳо дар тарзи хондани намоз низ баҳсу мунозираҳо байни ҷавонон ва калонсолон мешавад. Боре ба яке аз ин гуна ҷавонон хостам фаҳмонам, ки ҳамон тарзе, ки гузаштагони мо то имрӯз хондаанд, дуруст аст. Вале ҷавон фаҳмидан намехост ва чун гуфт, ки "шумо аз гапу кори олам бехабар, замонаҳо дигар шудааст", сахтакак карда гуфтам:

-Агар ҳамин тарзи намозхониро дигар кардан лозим бошад, дар вақташ уламои дине, ки садҳои зиёдеро гузаштаанд, дигар мекарданд. Барои мисол ҳаммаҳаллаамон Бобохоҷаи Аъламро гуфтам,(Бобохоҷа Неъматхоҷаев, уламои Ислом,1890-1968), ки аз рӯи нақли шоҳидон ба дараҷае донишашон чуқур буд, ки аз илми ғайб хабар доштанд ва байни халқ бо номи Аъламбобо маъруф буданд.

- Мебахшӣ-ку, имрӯз ба гарди он бузургвор мерасидагӣ ҳаст?-пурсидам аз ӯ. Ҷавон дигар ҳарфе нагуфта, ба хонааш даромада рафт.

Ногуфта намонад, ки таъсири равияҳои нави динӣ ба анъанаҳои неки мо низ таъсири манфӣ расонида истодааст. Чанд сол муқаддам модари шарикдарсам вафот кард. Ба эҳтиромаш рӯзи фотеҳа қатори меҳмонон барои "хушомадед" гуфтан истодем. Онҳо 8 бародар буданду гӯё ба ду тақсим шуда бошанд, қабулу гусели меҳмоноро духела ба ҷо меварданд. 5 бародар асо ба даст "хушомадед меҳмонони модарҷонам"-гӯён меҳмононро истиқбол мегирифтанду сеи дигар бе асо орому хомӯш гӯё дар таъзияи шиносҳояшон иштирок мекарда бошанд, рафтор мекарданд. Табиист, ки ин дурангӣ аз назари иштирокдорони фотеҳа дур намонд… Охир маъракаи азоро ҳамин андаке навҳаву хушомадедгӯиҳо зеб медиҳад-ку?!

Дар арафаи иди Қурбон, ки тибқи анъана бояд ёру дӯстон ба хонаи мусибатзада фотеҳахонӣ раванд, дари бархе баста буд. Пас моро чӣ шуд, ки аз анъанаҳову русуми неки ниёгон рӯй тофта истодаем?!

Чанд сол муқаддам дар як деҳоти наздишаҳрӣ писаре шомили равияҳои бегонаи динӣ гардида, модарашро ба намозхонӣ маҷбур месозад. Чун модар дар иҷрои ин амал таъхир мекунад, писар бешармона ба падар мегӯяд: дадо, модарамро талоқ диҳед, ки ман ба никоҳи худ дароварда ӯро намозхон кунам!... Ё наъузубиллоҳ!!!

Он муаллим ахирон аз ин гуна рафтори беандешонаи фарзандаш сахт зиқ ва гирифтори беморӣ шуда, чанд муддат пас вафот кард…

### САБАБИ ИН ҲАМА КОСТАГИҲО ДАР ЧИСТ?

Ба андешаи мо пеш аз ҳама суст будани кор дар ҷамоатҳои деҳоту кумитаҳои маҳаллаҳо, хусусан корҳои идеологӣ, мавқеи сусту бетарафонаи имомҳое, ки расман таъин шуданду саводи диниашон рӯякист. Нодида гирифтани масъулон ба ин камбудиҳо ва ниҳоятан бетарафии аҳли ҷомеа аст. Кас ба раванди иддае аз ҷонибдорони равияҳои нав ҳайрон мешавад, ки то дирӯз коммунисту атеист буданду имрӯз бошад, ришро то сари ноф расонда аз Худову Расул ҳарф мезананд. Дар ҳамин маврид мехостам, як воқеаи ибтидои солҳои 90-умро ба ёд орам. Зиндаёд Саидҷон Аҳмадов, ки солҳо раиси кумитаи иттифоқи касабаи тресті "Суғдводстрой"-ро ба зимма доштанд, рӯзе ба дафтари кориамон ҳарсосзанон омада бо афсӯс гуфтанд:

- Ин саҳар дар саҳни ҳавлии бинои истиқоматӣ собиқ роҳбаратонро бинам, тоқии сафед дар сар нишаста тасбеҳ мегардонд. Ӯро сарзаниш кардам, ки ин корро накунад, ба хонааш дарояд. Роҳбари собиқамон гуфтааст:

- Не, Муллосаидбой. Мо аз гапу кори олам бехабар будаем. Минбаъд раҳамон ҳамин мешавад.

- Ҳой, шарм намедоред? Шумо аъзои Бюрои обкомпартия будед. Намоишкорӣ ба Шумо айб аст, зикру ибодат барои намоиш нест, балки аз рӯи сидқ аст… Хезед ба ҳавлӣ дароеде,- таъкид кардам ба роҳбаратон ва ӯ калимаи обкомпартияро шуниду ноилоҷ ба хонааш даромад.

Ба қавле боз замонҳо дигар шуданду он шахс дигар ба он кор даст назад. Баръакс, ҳарчанд нуфузи ҳизби коммунист аз байн рафта бошад, ҳам котиби обком интихоб шуд.

Хулоса, аз овардани ин далелу бурҳон чист? На таънаву маломати як шахс. Балки ҳушдор додани ҷомеа аз раванди номатлуб аст. Вақти он расидааст, ки ба ин гуна рафторҳои ношоиста на танҳо мақомоти дахлдор, балки кулли ҷомеа овози худро баланд кунанд. Алалхусус, уламои дин. Мутаассифона, онҳо фаъол нестанд. То андозае, ки медонем, нисбат ба ин масъала имом-хатиби масҷиди ҷомеъи "Нури Ислом"-и шаҳри Хуҷанд Мирзоибодуллоҳ Калонзода ва имом-хатиби ҷамоати деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Ҳоҷиабдурозиқ Бобоев сахт мубориза мебаранд. Дар ҳар мавъизаҳояшон оид ба риояи талаботи мазҳаби Имоми Аъзам ва анъанаҳои неки мардумиамон ҳарф мезананд. Ҳол он ки барои чӣ аз минбари телевизиону радио уламои дин ба таври васеъ истифода намебаранд?! Дар мавриди рахна шудани анъанаҳои мардумиамон бошад, бисёр хуб мебуд, пирони рӯзгордида ва аминони маҳалла, ки шахсиятҳои эътирофгардидаи ҷомеа ҳастанд, беҳтар корбарӣ намоянд. Ҳарчанд мешунавем, ки вақтҳои охир ҷонибдорони равияҳои нав мӯйсафедонро чандон дуруст барои адои рисолаташон роҳ намедиҳанд. Ба қавле минбару меҳробро ба дасти худ гирифтаанд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,**
*хабарнигори махсуси «МХ» дар вилояти Суғд*

"Муҷоҳиддин истисноан ба дунболи исломи бунёдгаро рафта, ба аҳдофи он мерасанд. Ва ин ислом нест. Ин як назарияи зидди тамаддуни муосири башарӣ аст"

*Сулаймон Лоиқ - шоири афгон*

# ШИМОЛИ А
# ПОЙГОҲИ НА

**Воқеаҳои ахири моҳҳои апрел ва маи соли ҷорӣ дар вилоятҳои шимолии Афғонистон ва задухӯрдҳо дар марзҳои наздисарҳадии Туркманистону Тоҷикистон байни нерӯҳои ҳукуматӣ ва толибону муттаҳидини онҳо таҳаввулоти ҷиддиеро дар тафаккуру андешаи иҷтимоии мардуми Осиёи Марказӣ ба вуҷуд овардааст. Ба хусус баъд аз инқилоби навбатӣ ва тағйироти калидӣ дар низоми давлатдории Украина ва муносиботи он бо Русия ва дигар кишварҳои муштаракулманофеъ, минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷуҳи хоси дубораи қудратҳои минтақаӣ ва фароминтақаӣ қарор гирифтааст.**



**АГАР** аз як тараф Русия Осиёи Марказиро қисми ҷудонопазири заминҳои худ донад, аз сӯи дигар Арабистони Саъудӣ онро пойгоҳи муносибе барои сарбозгирӣ ва тарвиҷу инкишофи андешаҳои ифротгароёна ва радикализм дарёфтааст. Кишварҳои узви НАТО, хоссатан давлатҳои қудратманди аврупоӣ ва Америка низ аз як сӯ барои дастёбӣ ба манфиатҳои иқтисодиву сиёсии худ ва аз сӯи дигар барои ҷилавгирӣ аз тавсеаи нуфузи Русия, Эрон ва Чин ба ин минтақа таваҷҷуҳи амиқ доранд. Дар ин миён он чизе, ки шоёни таваҷҷуҳ ва нигаронӣ мебошад, ин аст, ки баъзе кишварҳо аз қабили Покистон, Арабистони Саъудӣ, Америка, Исроил ва Иттиҳоди Аврупо бо мақсади расидан ба ҳадафҳои худ аз гуруҳҳои ифротгароии мазҳабӣ ҳимоят ва пуштибонӣ карда, онҳоро дар сарлавҳаи авлавиятҳои сиёсати хориҷии хеш қарор додаанд. Дар вазъияти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар баробари дахолатҳои худ ва бо истифода аз заминаҳои мусоиди дохилӣ ин кишварҳо даст ба ҳар коре зада истодаанд, то ин ки тарвиҷу густариши нуфузи тафаккур ва ҷаҳонбинии ифротгароёнаро дар Осиёи Марказӣ ҳамчун василаи асосии дастёбӣ ба ҳадафҳои геостратегии худ паҳн намоянд ва аз аҳолии кишварҳои мазкур, ба хусус насли наврас ҳамчун "донор" дар ҷангу ҷидолҳои дигар давлатҳо истифода баранд. Ба ибораи дигар бо истифодаи моҳирона аз заъфу мушкилиҳо ва нобасомониҳои иҷтимоиву иқтисодии дохилии ин кишварҳо ҳамаҷониба судҷӯӣ карда, на танҳо дахолату нақшофаринии бегонагонро дар минтақа зиёд мекунанд, балки нақшаҳое дар сар доранд, ки тафаккури ифротгароёнаро асоси ҷаҳонбинии мардумони кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор диҳанд. Ин ниятҳои геостратегӣ ва геополитикии онҳо буда, раванди мазкур хеле тӯлонӣ ва доманадор аст ва ба қавли Барак Обама вақти хеле зиёдеро тақозо дорад, "то ин ки ба баъзе дастовардҳо" ноил шаванд.

Мақсад аз ин гуфтаҳои Б.Обама аз он иборат аст, ки решаҳои дарахти тавонманде, ки Русия дар ин минтақа дусад сол қабл шинонда буд, ҳанӯз мустаҳкам буда, сараввал алоқа ва таваҷҷуҳро нисбат ба ин давлат коҳиш дода ва баъдан онро "ҳамчун бозингари асосӣ аз саҳнаи байналмилалӣ берун" кунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон натиҷагирӣ кард, ки воқеаҳои моҳҳои апрел ва маи соли ҷорӣ дар шимоли Афғонистон ибтидои бозии навбатии геополитикии абарқудратон дар Осиёи Марказӣ буда, дар ояндаи наздик баъзе паҳлӯҳои ин "лоиҳа" равшан хоҳад гашт. Аммо далели раднопазир он аст, ки вилоятҳои шимолии Афғонистон, ки аз нигоҳи сулҳу субот ва амният вилоятҳои нисбатан ороми ин сарзамини ҷангзада маҳсуб мегаштанд, имрӯз на танҳо ба маҳалли даргири ҷангиёни ҷунбишҳои мухталиф табдил ёфтааст, балки домана ва акси садои он ба марзҳои Осиёи Марказӣ, қабл аз ҳама ба Тоҷикистону Туркманистон паҳн гардидааст.

Дар робита ба ин Тоҳири Сафар, хабарнигори Радиои "Озодӣ" дар маводи таҳлилии хеш таҳти унвони "Садои табли ҷанги толибон дар Осиёи Марказӣ" овардааст: "Таи чанд рӯзи ахир, баъзе аз гӯшаҳои Тоҷикистон монанди саҳнаи набард буд, вале на ҷангҳои воқеӣ, балки ҷанги фарзӣ бо гурӯҳҳои тундрав ва террористӣ, ки дар Афғонистони ҷангзада ва ҳамсоя фаъолтар шудаанд… Артиши Афғонистон рӯзи 18-уми май амалиёти деринтизор барои поксозии шимолу ғарби кишвар аз ҳузури толибону гурӯҳҳои дигари тундраву террористиро оғоз кард. Асадулло Шерзод, фармондеҳи воҳидҳои хоси Вазорати умури дохилии Афғонистон ба Радиои Озодӣ гуфт, толибонро дар вилояти Бодғис шикаст доданд ва рустоҳои вилоятро аз ҳузури "душманони миллати афғон" пок карданд. Толибону гурӯҳҳои тундрави дигар моҳе пеш ба вилоятҳои Бодғис, Ҷузҷон, Қундуз ва Бадахшон, ки наздик ба марзи Туркманистону Тоҷикистон ҳастанд, ҳамла карданд. Танҳо дар вилояти Қундуз 200 нафар ҷон доданд ва тақрибан 10 ҳазор тани дигар бехонумон шуданд.

Ҳарчанд ҷангҳо дар ин вилоятҳо фурӯ нишастааст, вале нигарониву изтироби кишварҳои Осиёи Марказӣ фурӯ нанишастааст. Кишварҳои минтақа ҳарос доранд, ки омадану лона мондани толибону гурӯҳҳои ҳамақидаашон дар марз, метавонанд вазъи амниятиро ноором кунад".

Воқеан ҷангиёни толибон дар ҳамбастагӣ бо муттаҳиддини худ аз гурӯҳҳои тундрави Осиёи Марказӣ, ба хусус "Ҷунбиши исломии Ӯзбекистон", "Ансоруллоҳ" ва чеченҳову қирғизҳову қазоқҳо, инчунин туркману арабҳо таи чанди моҳи охири соли ҷорӣ аз тариқи дараи Вардуҷ вориди вилоятҳои шимолии Афғонистон шуданд. Ба андешаи намояндаи махсуси Русия дар Афғонистон Замир Кобулов дар вилоятҳои шимолии ин кишвар вазъият нисбат ба солҳои гузашта хеле муташанниҷ аст. Дар ин минтақа ҳоло беш аз 600 дастаҳои ҷангиён ба миқдори ҳашт ҳазор ҷангҷӯ дар вулусволиҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин, ки ҳамсарҳади Тоҷикистон ва Туркманистон мебошанд, ҷамъ шудаанд.

Мувофиқи таҳлили коршиносон ва иттилооти расида дар вилоятҳои шимолии Афғонистон теъдоди зиёди ҷангиён ҷамъ шудаанд ва баъзе аз гурӯҳҳои экстремистӣ, аз он ҷумла толибон ва "Давлати исломӣ" дар ин минтақа марказҳои тайёр кардани ҷангиёнро таъсис додаанд.

Дар раванди ҷанге, ки моҳҳои апрел ва май хеле шиддат гирифт, гурӯҳҳои мазкур тавонистанд 65% вилояти Қундуз ва Бодғису Форёбро таҳти тасарруфи хеш қарор диҳанд. Хоссатан амалиётҳои ҷангӣ дар вилояти Қундуз хеле густурда буданд. Раиси вилояти Қундуз Умар Сафӣ дар гуфтугӯе бо Радиои "Озодӣ" ҳамлаи густурдаи толибони афғон ва шарикони хориҷии онҳоро ба ду минтақаи муҳими ин вилоят тасдиқ карда, зикр сохт, ки нерӯҳои давлат дар ин ду мавзеъ, яъне Гӯртеппа ва Имом Соҳиб зери фишори шадиди наздик ба 3000 ҷангҷӯ ақибнишинӣ кардаанд. Ба қавли вай дар байни шарикони хориҷии толибҳо аз 70 то 90 нафар ҷангиёни мусаллаҳи чечену тоҷикистонӣ низ ҳастанд, ки ҳадафи асосии онҳо аз ҷануб ба шимол кӯч додани даргириҳо ва сироят ба кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

*Анқариб тамоми коршиносон бар ин ақидаанд, ки ҳатман ҳуҷуми ҷангиён ба сарҳадоти Осиёи Марказӣ, хосатан ба марзҳои Тоҷикистону Туркманистон сурат хоҳад гирифт, то ин ки дар дохили ин кишварҳо аз ҷониби мухолифини режимҳои расмӣ тазоҳуроту инқилобҳо сар занад.*

Ба гуфтаи Умар Сафӣ дар ин ҳамла ҷангиён аз чандин вилояти Афғонистон ҷамъ омада, толибону афроди гурӯҳи "Давлати Исломӣ" якҷоя амал мекунанд. Ба андешаи вай шумораи ҷангиён дар шимоли Афғонистон барои он рӯ ба афзоиш дорад, ки Покистон дар Вазиристон амалиёти густардаеро зидди онҳо роҳандозӣ кардааст.

Қобил ба зикр аст, ки ҳоло дар минтақаи мазкур ду манбаи иттиҳоди ифротгароён мавҷуд буда, яке аз онҳо дар вилоятҳои Бадахшону Қундуз ва дигаре дар вилоятҳои Бодғису Форёб қарор доранд. Чуноне ки қаблан зикр сохтем, ҳайати ин гурӯҳҳои силоҳбадаст гуногун буда, дар он тоҷикон, қирғизҳо, ӯзбекҳо, арабу чеченҳо ва уйғурҳои Чин бо ҳам муттаҳид гаштаанд. Ба қавли муаррихи тоҷик Қосимшоҳ Искандаров "бо дар назардошти он ки вазъият дар шимоли Афғонистон бисёр мураккаб шудааст ва тибқи хабарҳое, ки аз ин минтақа мерасад, гурӯҳҳои ифротгаро ва террористии зиёде дар ин минтақа ҷамъ омаданд ва даргириҳои бисёр шадиде байни ин гурӯҳҳо ва нерӯҳои давлатӣ идома доранд, аз марзҳои Тоҷикистон чандон дур нестанд, бинобар ин, метавон гуфт, ки мавҷудияти ин гурӯҳҳо ва дар оянда Худо нахоста тақвияти ин гурӯҳҳо метавонад барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла барои Тоҷикистони мо як хатар ва таҳдиде бошад. Имрӯз як навъ коридор, ё даҳлезҳои таҳдид ба Осиёи Марказӣ маълум шудаанд. Даҳлезҳое, ки дар Бадахшону Қундуз, дар марзҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Туркманистон кушода шудааст, ДИИШ ҳузур дорад. ДИИШ ҳам дар сарҳади Тоҷикистон ҳаст, ҳам дар сарҳади Туркманистон, вале инҳо бо дар назардошти барномае, ки ДИИШ дорад, бо дар назардошти он, ки як устони Хуросон ташкил кардаанд, ки мехоҳад дар ҳамаи минтақа хилофати исломиро татбиқ кунад, аз ин рӯ, ин як навъ таҳдид барои кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон аст".

Бе сабаб нест, ки роҳбари намояндагии НАТО дар Афғонистон генерал Ҷон Кэмпбелл ба таърихи 25 майи соли равон расман эълон кард, ки дар муддати ним соли сипаришуда фаъолияти "Давлати исломии Ироқу Шом" дар Афғонистон ба маротиб боло рафтааст.

Дар робита ба ин мушовири президенти Афғонистон доир ба масъалаҳои амният Муҳам-

# ҒОНИСТОН -
# ЗИ ҶАНГИЁН



мад Ҳаниф Атмар ҳушдор дод, ки фармондеҳии "Давлати исломии Ироқу Шом" нақшаҳое кашидаанд, ки мутобиқи онҳо бояд баъзе минтақаҳои Афғонистонро ҳамчун пойгоҳи амалиёт барои ворид шудан ба марзи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва баъдан Русия, истифода намоянд.

Анқариб тамоми коршиносон бар ин ақидаанд, ки ҳатман ҳуҷуми ҷангиён ба сарҳадоти Осиёи Марказӣ, хосатан ба марзҳои Тоҷикистону Туркманистон сурат хоҳад гирифт, то ин ки дар дохили ин кишварҳо аз ҷониби мухолифини режимҳои расмӣ тазоҳуроту инқилобҳо сар занад. Лекин алорағми ин пешбиниҳо Аҳмад Рашид хабарнигори покистонӣ ва муаллифи як силсила китобу мақолаҳо доир ба толибон дар воҳӯрии ахири худ дар Душанбе таъкид кард, ки имрӯз "Давлати исломӣ" барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хатарзой нест, зеро дар Покистону Афғонистон таи солҳои тӯлонӣ гурӯҳҳои толибон, "ал-Қоида", "Ҷунбиши исломии Ӯзбекистон" фаъолият доранд ва онҳо ҳаргиз намегузоранд, ки ба "майдони фаъолият"-и онҳо гурӯҳҳои дигар ворид шаванд.

Намояндагони салоҳиятдори нерӯҳои марзбонии Тоҷикистон низ таъкид кардаанд, ки вазъият зери назари онҳо буда, дар марҳалаи феълӣ ҷангҳо дар шимоли Афғонистон, ба хусус дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ҳеҷ хатаре ба кишвари мо надорад ва танҳо ҷангҳои дохилии гурӯҳҳои мусаллаҳи Афғонистон мебошанд. Дар иртибот ба ин масъала Муҳаммадҷон Улуғхоҷаев сухангӯи Сарраёсати нерӯҳои марзбонии Тоҷикистон ба таърихи 27 апрели соли равон ба тариқи Радиои "Озодӣ" хабар дод, ки ҷангҳо дар шимоли Афғонистон ва ба хусус дар минтақаҳои ҳаммарз бо Тоҷикистон "ҳеҷ хатаре ба мо надорад ва марз ҳамаҷониба таҳти назорати марзбонон аст. Ҷангҳои дохилии Афғонистон ба марзи Тоҷикистон ва сокинони кишвар таъсире надорад. Марзбонони тоҷик ба таври маъмулӣ минтақаҳои марзии Тоҷикистон бо Афғонистонро назорат мекунанд".

Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон С.Аслов низ чанде пеш таъкид кард, ки таҳаввулоти ахир дар Афғонистон, ҳукумати кишварро ҷиддан нигарон кардааст: "Мутаассифона, авзоъ бисёр ноором аст ва албатта, мо бисёр нигарон ҳастем. Аз як тараф Тоҷикистон марзи дарозе бо Афғонистон дорад ва ин марз мутаассифона, аз манотиқи кӯҳӣ ва душворгузар убур мекунад. Аз ҳамин сабаб мо бояд барои муҳофизати марзи худ талоши зиёде ба харҷ бидиҳем".

Айни замон ба гуфтаи С.Аслов Тоҷикистон нерӯ ва қувваи кофӣ барои посбонии марзҳояш дорад ва иҷозат намедиҳад, ки толибон ва дигар гурӯҳҳои террористӣ ба кишвари мо ва Осиёи Марказӣ ворид шаванд. Умеди дигари Тоҷикистон ба Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ аст, ки шаш давлат шомили он буда, чанде пеш дар Тоҷикистон бо ҷалби 2500 сарбоз ва техникаи низомӣ тамринҳо гузарониданд. Размоиши сарбозону афсарони Тоҷикистону Русия, Арманистону Белорус ва Қазоқистону Қирғизистон, рӯзи 19-уми май дар Қубодиён ва дар наздикии марз бо Афғонистон поён ёфт. Роҳбарони паймон низ таъкид карданд, ки дар сурати зарурат Тоҷикистонро танҳо намегузоранд ва ба кӯмакаш мешитобанд.

***Ба андешаи намояндаи махсуси Русия дар Афғонистон Замир Кобулов дар вилоятҳои шимолии ин кишвар вазъият нисбат ба солҳои гузашта хеле муташанниҷ аст. Дар ин минтақа ҳоло беш аз 600 дастаҳои ҷангиён ба миқдори ҳашт ҳазор ҷангҷӯ дар вулусволиҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин, ки ҳамсарҳади Тоҷикистон ва Туркманистон мебошанд, ҷамъ шудаанд.***

Дар ин ҷо шакку шубҳае вуҷуд надорад, ки сохторҳои қудратии Тоҷикистон ва Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ ба ҳеҷ ваҷҳ нахоҳанд гузошт, ки ҷангиён сарҳадоти моро хароб кунанд ва вориди марзҳои мо шаванд. Лекин дар робита ба гуфтаҳои боло саволи мантиқие ба вуҷуд меояд, ки оё ҳукумат ва сохторҳои қудратӣ, хоссатан марзбонҳои кишвари бо мо дӯст ва ҳамҷавор Афғонистон тибқи муқаррароти қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷонибае, ки бо Тоҷикистон ва дигар кишварҳои пасошӯравӣ ба имзо расонидааст, дар ин самт ягон чораҷӯӣ кардааст, то пеши роҳи содироти ҷангиёнро гирифта, нагузорад, ки онҳо вориди марзи кишварҳои ҳамсоя гарданд? Оё ҳомиёни ба истилоҳ сулҳ дар Афғонистон - НАТО ва Америка хурдтарин чораe андешиданд, ки ҷанг ба минтақаи Осиёи Марказӣ сироят накунад?!

Чунин саволҳо хеле зиёданд ва барои он, ки ба баъзеи аз онҳо равшанӣ андозем, зарур аст таҳлилро аз вазъияти имрӯзаи сохторҳои низомии Афғонистон, ки пойдорӣ, ҳифзи амнияту субот ва халалнопазирии сарҳадот бар дӯши онҳо аст, шурӯъ намоем. Чӣ тавре ки аз таҳлили коршиносони афғон ва ҳамкасбони хориҷии онҳо бар меояд, қувваҳои мусаллаҳ ва пулиси имрӯзаи Афғонистон бо кӯмаку дастгирӣ ва маблағгузории Америка ва НАТО таъсис ёфтаанд. Ин ду ниҳод дар сафҳои худ беш аз 300 ҳазор нафар афсарону сарбозонро шомил сохта, дар шароити имрӯза муассиртарин сохторҳои низомӣ маҳсуб мегарданд. Аммо сабаб дар чӣ буд, ки таи чанд моҳи охири соли 2015 аз ҷониби ин ду ниҳоди бонуфузи низомии Афғонистон талафоти зиёд ба вуҷуд омад. Тибқи иттилои "Ню-Йорк Таймс" аз ҷониби сохторҳои мазкур аз моҳи январ то моҳи апрели соли 2015 дар амалиётҳои низомӣ беш аз 2 ҳазор сарбозону афсарон кушта шуда, дар ҳудуди 3,4 ҳазор нафар маҷрӯҳ гаштанд.

Аммо, мутаассифона, ҳукумат ва расонаҳои ахбори расмии Афғонистон дар ин бора ҳеҷ хабаре пахш накарда, ба хусус дар бораи талафоти низомиён дар задухӯрдҳои моҳҳои апрел ва май бо толибон дар шимоли кишвар хомӯширо интихоб карда буданд. Билохира, баъд аз сукути тӯлонӣ роҳбарияти Вазорати умури дохилаи Афғонистон дар моҳи май расман эълон кард, ки дар муддати 16 ҳафтаи охири соли ҷорӣ дар натиҷаи ҷангҳо аз ҷониби артиши миллӣ ва пулиси кишвар 4950 нафар кушташудагон ва маҷрӯҳон ба қайд гирифта шуданд. Тибқи иттилои ин ниҳод нишондоди мазкур дар соли 2014 - 2900 нафарро ташкил дода буд. Қисмати аъзами кушташудагон ва маҷрӯҳонро афсарону кормандони пулис ташкил дода, дар ҷангҳо ва амалиётҳои низомӣ дар вилоятҳои шимолии кишвар, аз он ҷумла дар Бадахшон, Қундуз, Фарох, Кунар ва Форёб талаф ёфтаанд. Чуноне ки қаблан зикр сохтем, воқеан ҳам дар моҳҳои апрел ва май вазъият дар ин вилоятҳои шимолии Афғонистон хеле муташанниҷ гардида буд. Ба хусус дар вилояти Қундуз вазъият чунон ноором буд, ки ниҳодҳои давлатӣ имконияти ҳимояи вилоятро қариб аз даст дода буданд. Толибон ва муттаҳидини онҳо муддати чанде шаҳру вулусволӣ ва рустоҳои зиёдро таҳти тасарруфи хеш қарор дода, ба онҳо муяссар шуд, ки 65% вилоятро ишғол намоянд. Дар рафти ин ҷанг имконоти васее барои тасарруф ва ғасби фурудгоҳ ва қисми низомии маскуни вилояти Қундуз ба вуҷуд омада буд. Аҳолии таҳҷоӣ иҷборан маҳалҳои зисти худро тарк карда, ба ҷойҳои бехатар кӯч бастанд. Зеро ба қавли раиси вилояти мазкур хатари ишғоли маркази он - шаҳри Қундуз низ хеле зиёд буд.

Ҳатто баъд аз хунсо сохтани ҳуҷуми васеи толибон ва муттаҳидини онҳо ба вилоятҳои шимолии кишвар, сатҳи талафоти нерӯҳои ҳукуматӣ хеле баланд буд. Барои мисол, тибқи иттилои расмӣ дар аввалҳои моҳи май дар вилояти Бадахшон ҳангоми ҳуҷуми шабонаи муҷоҳиддин 37 нафар кормандони пулис кушта ва ба асорат гирифта шуданд. Дар асл бошад мувофиқи сарчашмаҳои ғайрирасмӣ беш аз сад нафар кушта шуда, миқдори зиёде аз афсарону аскарони пулис асир гирифта шуданд.

Қисмати аъзами коршиносон ва хабарнигорони афғон дар соли 2014 сабабҳои асосии мушкилиҳои мавҷударо дар самти мубориза бо терроризм дар бесалоҳиятӣ ва ғайрирасмӣ (нелигитимность) будани ҳокимият, инчунин хуруҷи қувваҳои Америка ва НАТО аз Афғонистон медиданд. Аммо, ба қавли таҳлилгари рус Н.Мендкович дар аввалҳои соли 2015 ин омилҳо дигар боиси муборизаҳои муассир бо ин падида шуда наметавонистанд, зеро бухрони ҳокимияти давлатӣ дар Афғонистон ҳанӯз дар тирамоҳи соли 2014 баъд аз қасамёдкунии расмии Ашраф Ғанӣ ва аз ҷониби мухолифин ба расмият шинохтани қудрати вай ба охир расида буд.

Болотар аз ин таи ду соли охир иштироки низомиёни ғарбӣ дар низои дохилии Афғонистон умуман поён наомада, балки ба маротиб зиёд шудааст. Дар асоси далелҳои нопурраи нашршуда дар моҳи марти соли 2015 қувваҳои НАТО бо хоҳиши ҳукумати феълии Афғонистон дар муқобили толибон 52 ҳамлаи ҳавоиро анҷом доданд, ки дар рафти онҳо беш аз 128 нафар ҷангҷӯёни сатҳи миёна ва поёнии толибон кушта ва ҷароҳатҳои вазнин бардоштанд. Дар моҳи январи соли 2015 қувваҳои "Таъиноти махсуси Америка" барои иштирок дар ҳуҷуми навбатӣ ба муқобили толибон 40 нафар инструкторҳои худро фиристоданд, то ин ки онҳо дар баланд бардоштани сатҳи сифати амалиётҳои қувваҳои ҳавоии десантӣ ва нерӯҳои таъиноти махсуси Афғонистон саҳм гузоранд.

Ба ҳамин тариқ аз далелҳои овардашуда метавон хулоса кард, ки дар моҳҳои апрел ва маи соли 2015 сабаби муташанниҷ гардидани вазъият дар шимоли Афғонистон, инчунин талафоти зиёд дар раванди амалиётҳои низомӣ на дар бесалоҳиятии сохторҳои қудратӣ, балки дар дигар масъалаҳо будааст. Он бурҳону далелҳое, ки аз ҷониби роҳбарияти сохторҳои қудратии Афғонистон ба хотири бегуноҳ нишон додани худ пешкаш карда буданд, ба ҷуз афсонаҷӯӣ дигар чизе набуд, зеро воқеияти раднопазир ин аст, ки сабаби асосии ҳар як шикаст дар нерӯмандӣ ва тавоноии ҷониби муқобил, яъне душман аст.

Ҳамин нуктаро бояд ба назар гирифт, ки толибони имрӯза дигар он толибони чанд сол қабл буда нестанд. Дар рафти ҷанги беохири Афғонистон онҳо тавонистанд таҷрибаи бузурги пешбурди амалиётҳои ҷангиро аз худ кунанд, аз таҷрибаи низомиёни шӯравӣ ва америкоӣ баҳравар гарданд. Махсусан дар солҳои 2014-2015 онҳо дар кӯтоҳтарин вақт тавонистанд мушкилиҳои мавҷудаи худро бартараф сохта, самтҳои фаъолияти сохторҳои қудратии Афғонистон, инчунин қитъаҳои низомии НАТО ва Америкаро омӯзанд ва заъфу норасоиҳои онҳоро дарёфт карда, аз онҳо дар рафти амалиёти ҷангӣ самаронок судҷӯӣ кунанд.

*(Давом дорад)*

**А.ШАМОЛОВ,**
*профессор*

Минбари халқ
8 июли соли 2015,
№28 (1007)

# Табобати чинӣ шифо мебахшад?



**Албатта, солим будан худ як сарвати бебаҳост. Зеро ҷомеаи солим боиси пешрафту тараққиёти давлат мегардад. Рушди давлат низ аз сатҳи саломатии мардум вобастагии ногусастанӣ дорад. Бино ба гуфтаи манбаъҳои таърихӣ, дар замонҳои пеш ба саломатии мардум, махсусан дар Чини даврони императорӣ диққати махсус дода мешуд, то ки халқ ба ҳама гуна мушкилиҳо тобовар бошад ва барои дифои низоми кишвар дар баробари аҷнабиён истодагарӣ карда тавонад. Императорҳо то ҳатто ҳудудҳои калони заминҳоро ба хотири коридани алафҳои гуногуни табобатӣ таҳти тасарруфи худ медароварданд ва нафарони бохабар аз хусусияти табобатии ҳар яки он гиёҳҳо барои кишту ҷамъоварӣ роҳ дода мешуданд. Гуфта мешавад, аввалин китоби "Канзи шифо" соли 542 дар Чин тартиб дода шудааст. Вале нахустин антибиотик ( дору бар зидди микроб) 4000 ҳазор сол пеш дар Мисри Қадим истеҳсол гардидаст.**

**ИМРӮЗҲО** ташвиш аз бемориҳои гуногуне, ки ба ҳолати беҳдоштии ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад, ба вазъияти равонии мардуми мо низ таъсир мегузорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки то ба ҳол аз таъсири бемории Эбола, ки як вабои нав барои насли инсон аст, чандин ҳазор нафар дар кишварҳои мухталиф ҳалок гардидаанд. Ва чандин бемориҳои дигаре ҳамсони Эбола мавҷуданд, ки табобаташон хело гарон аст ва ё умуман табобат намеёбанд.

Мавзӯи табобат ва саломатӣ имрӯз фақат масъалаи як халқу давлат набуда, ба мавзӯи умумимиллии ҳамаи кишварҳо табдил шудааст.

Бинобар ин, мо низ тасмим гирифтем дар бораи яке аз табобатҳои маҳшҳур, ки ба номи **"Табобати чинӣ"** дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ паҳн шуда ва акнун аз тариқи шабакаҳои телевизионӣ низ таблиғ ва қариб, ки ҳама барои табобати дардҳои худ аз ҳар гуна бемориҳо даъват мешаванду таблиғарони ин услуби табобатро ба ҳамагон ва барои ҳамаи дардҳо тавсия медиҳанд, маълумоти муфассалеро аз марказҳои табобат дар шаҳри Душанбе мавриди таҳлил қарор диҳем.

Дар ин робита аввалин коре, ки мо кардем, муроҷиат бо чанд савол ба масъулони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ буд ва маълумоте низ дар посух ба ин пурсишҳо ба мо расид. Саволҳои мо мушаххас дар бораи марказҳои табобати чинӣ, шароити додани иҷозатнома (лицензия)-ҳо ба онон, ворид шудан ё нашудани шикоятҳо аз тарафи мизоҷон ва корафтодагони ин марказҳо, тарзи табобат, нархи табобат ва назорат аз болои чунин марказҳои табобатӣ иборат буданд. Маълум гардид, ки дар айни замон дар шаҳри Душанбе асосан ду марказзи бузург: **Маркази табобати чинии ҶДММ "Табобати чинӣ"** бо шуъбаҳояш ва **ҶДММ "Иттифоқи коллеҷу дармонгоҳҳои тиббии халқии Чин"** фаъолият доранд.

Фаъолияти **ҶДММ "Табобати чинӣ",** дар ноҳияи Фирдавсӣ (кӯчаи Фирдавсӣ 8), **ҶДММ "Иттифоқи коллеҷу дармонгоҳҳои тиббии халқии Чин",** воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 50 а, дар асоси аз тарафи Комиссияи иҷозатномадиҳии фаъолияти хусусии тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Бино ба иттилои Вазорати тандурустии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои мутахассисони хориҷӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровoрда шудааст.

Ҳамон тавре ки дар иттилоияҳои таблиғотии ин марказҳо аз шабакаҳои телевизионӣ пахш мешавад, дар марказҳои мазкур ба беморон табобат бо усули гиёҳдармонӣ, сӯзандармонӣ, физиотерапевтӣ ва маҳси табобатӣ дар шароити дармонгоҳӣ гузаронида мешавад.

Дар муассисаҳои хусусии тиббӣ нархи хизматрасонӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010, №179 "Дар бораи тасдиқи тартиби муқаррар намудани нархи хизмати тиббие, ки аз тарафи субъектҳои муассисаҳои хусусии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад", муайян ва мавриди иҷро қарор гирифтааст.

Нархномаҳои муассисаҳо дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва Хадамоти зиддинҳисории он тасдиқ шудааст.

Ба гуфтаи мақомоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар 5 моҳи соли 2015 аз мардум дар мавриди кори марказҳои табобати чинӣ шикоят ворид нашудааст. Масъулони вазорат ҳамзамон қайд мекунанд, ки дар фаъолияти табибони чинӣ якчанд камбудиҳо ошкор ва ба қайд гирифта шудааст. Барои ғайриқонунӣ, яъне бе иҷозатномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба фаъолияти тибби халқӣ машғул шудан, фаъолияти табибони халқӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой Чен Джон, Ван Чун, Фан Тион Ху ва Чианг Ксиуксианг дар шаҳри Душанбе боздошт шуданд.

Тайи ин муддат фаъолияти ғайриқонунии шаҳрванди Ҷумҳурии халқии Чин Лян Лун Джиен дар ноҳияи Ҳисор ошкор ва чораҳои лозимӣ барои пешгирӣ ва маҳдуд кардани фаъолияти ӯ андешида шудаанд. Дар иттилоияи вазорат омадааст, ки номбурда то замони ошкор ва боздошт шудан табобати беморонро дар шароити ғайрисанитарӣ бо истифода аз усулҳои сӯзандармонӣ, маҳси табобатӣ, гиёҳҳо ва устухони суфтакардашуда, инчунин гузаронидани маҳлули доруворихои номаълум (шишадору ва флаконҳои номаълуми бетарҷумаи истеҳсоли Чин) дохиливаридӣ ва чакрагӣ ба роҳ монда буд.

*Масъулони вазорат ҳамзамон қайд мекунанд, ки дар фаъолияти табибони чинӣ якчанд камбудиҳо ошкор ва ба қайд гирифта шудааст. Барои ғайриқонунӣ, яъне бе иҷозатномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба фаъолияти тибби халқӣ машғул шудан, фаъолияти табибони халқӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой Чен Джон, Ван Чун, Фан Тион Ху ва Чианг Ксиуксианг дар шаҳри Душанбе боздошт шуданд.*

Нисбати Лян Лун Джиен аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 2 бор барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти тибби халқӣ муҷозоти маъмурӣ тариқи ҷаримабандӣ татбиқ карда шудааст.

Ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва надонистани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти тиббӣ дар баъзе мавридҳо ба ҳолатҳои нохуш ва ҳатто ба фавти одамон оварда мерасонад. Чунончӣ, аз ҷониби шаҳрвандони ҶХХ Лин Чи Бин ва Чанг Йисон Маркази тиббии табобати чинӣ дар назди ҶДММ "Фучен Мингдон" таъсис дода, дар шаҳри Чкалов, шоҳроҳи Хуҷанд - Ғафуров ғайриқонунӣ ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғул буданд. Моҳи марти соли ҷорӣ истиқоматкунандаи ш. Конибодом барои табобати забонаш, ки ҷароҳат доштааст, муроҷиат намуда, ба ӯ маҳлули хлориди натрий 0,9% 250 мл. таъин карда мешавад. Пас аз гузаронидани маводи мазкур ҳолати бемор вазнин гашта, норасогии шадиди дил, ҳолати садамоти анафилактикӣ ба амал меояд. Дар натиҷа бемор дар ҳудуди Маркази тиббии табобати чинӣ мефавтад.

Аз ҷониби мақомоти судӣ Лин Чи Бин бо моддаи 210 қисми 2 Кодекси ҷиноятии ҶТ (ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ, бе иҷозатнома машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ, беэҳтиётӣ, ки боиси марги инсон гаштааст) гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ 2 сол маҳрум сохтан аз озодӣ бо нигоҳ доштан дар колонияи ислоҳи дорои низомаш умумӣ, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби роҳбарикунанда дар соҳаи тандурустӣ ба муҳлати 1 сол ҷазо таъин карда шуд.

Дуввумӣ, бо номи Чанг Йисон бо моддаи 210 қисми 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ворид намудан, ба муомилот баровардани доруворӣи бесифат ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯй набуда, инчунин ба миқдори калон ворид кардани доруҳои муҳлати истифодаашон гузашта) гунаҳгор дониста шуда, ба андозаи 20 ҳазор сомонӣ ҷарима ба фоидаи давлат, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли фаъолияти фармасевтӣ ба муҳлати 1 сол ҷазо таъин карда шуд.

Дар якчанд ҳолатҳо дар марказҳои табобати чинӣ истифодаи маводҳои дуруворӣ бо забони хитоӣ, бе тарҷумаи дахлдор истифода мегардиданд. Оиди масъалаи мазкур ба Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ маводҳо пешниҳод карда шуданд.

Дар рафти таҳқиқи ин мавзӯъ маълум шуд, ки Вазорати тандурустӣ барои роҳ надодан ба фаъолиятҳои худсаронаи чунин марказҳо иқдомоти дигари пешгиронаро низ ба иҷро расондааст. Мутобиқ ба дастури ин ниҳод, марказҳои мазкур бояд табобатро танҳо дар доираи иҷозатномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ намоянд. Вобаста ба ин ба роҳбарияти Муассисаи давлатии "Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон", "Ҷаҳоннамо" ва "Сафина" оид ба танзим даровардани рекламаи ин марказҳо барои инъикоси воқеии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ мактубҳои расмӣ ирсол шудаанд.

Мақомоти тоҷик мутаминанд, ки фаъолияти муассисаҳои хусусии тиббӣ дар шаҳри Душанбе таҳти назорати Раёсати Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шаҳри Душанбе, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ ва Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ қарор дошта, барои баланд бардоштани сатҳи саломатии мардум, кам кардани гирифторони бемориҳои вазнин нақши муҳимеро мебозанд.

**Гулҳаёи МАДИМАР**

# МО ТОҶИКЕМ, НА АРАБ

***Номи накӯ ва зебою пурмазмун пеш аз ҳама нишони маърифат ва фарҳанги баланди шахси номгузор, баъдан мояи хурсандӣ ва ифтихори шахси соҳибном аст, агар ӯ ба маънии номи хеш сарфаҳм равад. Вале, ном соҳибашро худ аз худ шуҳратёру сарбаланд намекунад. Балки соҳибном бо меҳнату заҳмат, бо ҷаҳду талошҳои пайгирона ва донишу ақлу заковат, номи хешро машҳур ва муътабар мегардонад. Одамон ӯро аз рӯйи чӣ ном доштанаш не, балки аз рӯйи кирдор ва рафтору амалҳояш мешинохтагӣ мешаванд. Дар ин шинохтанҳо ном танҳо нишонӣ ва ё сурога асту бас.***

**НОМИ** зебою пурмазмун доштан, ҳаргиз сарбаланду шуҳратёр будан нест. Дар ҷомеа ҳастанд касоне, ки номҳои шоҳномавӣ доранд. Ё номҳояшонро мувофиқ бо номҳои қаҳрамонони машҳури қиссаю афсонаҳо гузоштаанд. Аммо, чун кору кирдор, гуфтору рафтори онҳоро мебинӣ, ҳайфат меояд, ки эшон чунин номҳо доранд. Хушбахтона, бисёранд, ашхосе, ки ба нангу номусанд, қимати номи хешро медонанду арҷ мегузоранд. Ҳамеша ҷаҳду талош меварзанд, ки мувофиқ ба номи хеш зиндагӣ кунанд.

Дар масъалаи номгузорӣ камбудиҳое ҷой доранд, ки аз рӯйи давомнокии худ дарди кӯҳнашударо мемонанд. Масалан, аз чи бошад, ки ба фарзандон дар тифлиашон як ном мегузорему чун андаке бузург шуданд, номашонро дигар мекунем. Дар натиҷа одам дунома мешавад. Дар шаҳодатномаи таваллуд ва ё шиноснома як ном дораду дар байни мардум номи дигар. Ҳатто онҳоро бо номи расмиашон ба ҷуз аз волидайн ва наздикони дигарашон касе намешиносад. Дарди дигар, нодуруст навиштани шакли номҳо мебошад. Мисолҳо хеле зиёданд. Аммо аз оварданашон худдорӣ мекунам, чунки онҳоро бисёриҳо медонанд.

Коршиносон борҳо таъкид кардаанд, ки номҳои мувофиқ ба рӯзҳои ҳафта ва номҳое ки, решаашон аз мафҳумҳои табар, теша, дост, ҷорӯб, санг, гург, арра, нор, девона ва ғайра иборатанд, зебанда нестанд ва ҷавобгӯйи фарҳанги номгузории азалии тоҷикона намебошанд. Дар ҳамин радиф бародар ва устодам шодравон Тошхон Юсуфӣ дар хусуси ду нафаре қисса мекарданд, ки якеро ном Талбак ва дигареро Кайкак будааст. ("Кайкак" шояд шакли вайроншудаи мафҳуми "ғайкак"-и мардуми Яғноб бошад). Бо вуҷуди хушахлоқу хубхон буданашон, ҳарду ҳам ҳамеша аз ҳамсолони худ дурӣ меҷустанд, ба маъракаҳо намерафтанд. Зеро дар ин гуна мавридҳо, ҳамеша ёфт мешудаанд бадгуфтороне, ки якеро "Талбак, чаро наталбӣ?" дигареро "Кайкак чаро ин ҷойи, ба пӯстак надаройӣ?", гуфта мазоқу масхара мекардаанд.

Камина бар он андешаам, ки номҳои хусусияти тоҷикона надошта низ, барои мардуми мо арзанда намебошанд. Бигзор ба иззати нафси касе нарасад, масалан, ман намедонам, ки Акмал ва Акамал дар тоҷикӣ чӣ маъно доранд. Намефаҳмам, ки ҳамдиёрони куллан тоҷики мо чаро духтарони худро Жасмин ном мениҳанд, дар ҳоле ки муродифи тоҷикии он Ёсуман аст. Албатта, одамон ҳамагуна ном, аз ҷумла номҳои нозебу каммазмунро ҳам ба ягон орзую нияте, мақсаде ё муроде ба фарзандонашон мегузоранд. Лекин, дар ҳар сурат ном бояд зебо, равон, гӯшнавоз бошад ва соҳибном аз он шарм не, ифтихор намояд.

Як одати нохуби дигар ҳам дорем. Яъне, одамонро бо номи аслиашон не, бештар бо лақабҳои нозеб ва бисёр дағалмазмун ном мебарем. Ин равия махсусан дар деҳот роиҷ аст. Одамон ба ҳамдигар бо лақабҳояшон муроҷиат мекунанд ва аз ин касе намеранҷаду касеро парво нест. Зеро ин чиз барои маҳалҳои онон меъёр ҳам набошад, одат шудааст. Агар ҳарчи зудтар аз ин одат даст бикашем, ҳамон қадар фоидааш бештар мешавад.

Чанд соли охир дар масъалаи ном ва номгузорӣ, як равияе эҳсос мешавад, ки барои фарҳанги анъанавии номгузории тоҷикӣ хатарнок аст. Баъзе одамон номҳои бисёр зебо, хушнаво, гӯшнавоз ва пурмазмуни зотан тоҷикии худро бо номҳои арабӣ иваз мекардагӣ шудаанд. Зиёда аз ин, бештари волидайни ҷавон, алалхусус дар деҳот, майлу рағбат ва хоҳиши ба фарзандон ниҳодани номҳои бо истилоҳ мусулмониро доранд. Ин раванд чандон оқибати хуб надорад ва аз рӯйи фарҳанги аҷдодию анъанавии номгузории тоҷикӣ намебошад. Алҳамдулиллоҳ, ман мусулмонам ва бо ин ифтихор дорам. Аммо тоҷик буданамро аз мусулмон буданам камтар намедонам. Ифтихормандии тоҷик буданам аз ифтихормандии мусулмониам камтар нест. Аммо, ному насаб дигар асту дину мазҳаб дигар. Мусулмон будан ҳаргиз маъноеро надорад, ки номи шахси мусулмон ҳатман арабӣ бояд бошад. Дар ҳамаи қитъаҳои олам - Африқо, Аврупо, Амрико, Осиё, Австралия, алалхусус дар кишварҳои манотиқи Қафқоз, кишварҳои мусулмонии ҳамсоя ва ғайра кам мусулмонҳо ҳастанд, ки номҳояшон арабиасос бошад. Аксари онон номҳое доранд, ки хоси авлоду аҷдоду миллаташон аст ва ба фарҳанги номгузории миллиашон мувофиқат мекунад. Пас, чаро мо тоҷикон ба номҳои зебою шевою пурмазмун ва гӯшнавозу рӯҳнавозу дилнавози тоҷикии худ афзалият надиҳем? Охир мо тоҷикем, на араб.

Умуман, масъалаи ном ва номгузориро масъалаи ҷузъӣ ва сирф шахсӣ шуморидан саҳеҳ нест. Домони он фарох буда, ба фарҳангу маърифат, адабиёту санъат, забону таърих, расму оин қаробат дорад. Месазад, ки аҳли зиё, алалхусус омӯзгорон ва зиёиёни деҳот, масъулини ҷамоатҳо, сохторҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, муассисаҳои фарҳангу маориф, сохторҳои ба оилаю оиладорӣ, танзими расму оин ва анъанаҳо сарукор дошта, фаъолияти боз ҳам босамартар бубаранд. Коре кунанд, ки волидайн, алалхусус волидайни ҷавон барои пайдо карданӣ номҳои зебою пурмазмун ҳавасманд гарданд, номномаҳоро омӯзанду аз маслиҳати нохондамуллоҳое, ки ғайр аз чанд номи арабиасос дигареро пешниҳод карда наметавонанд, даст кашанд ва агар зарур ояд, бо мутахассисин ва ашхоси ба ин масъала сару кор дошта муроҷиат кунанд.

Дар хотима таъкид мекунам, ки дар масъалаи риоя намудани фарҳанги анъанавии номгузорӣ, нақши садою симо ва матбуоти даврӣ бесобиқа буда метавонад.

**Ҳасан Юсуфи ФАЙЗБАХШ**




# Ёсуман чӣ гуноҳ дошт, ки Жасмина шуд

**Дар ҳар давру замон волидайни закӣ ба фарзандони худ номҳои зебою тоҷикона мегузоштанд. Азбаски номгузорӣ ба ҳодисаи ҷамъиятӣ мансуб шудааст, бинобар тағйироту пешрафти ҷамъият номҳо ҳам тағйир ёфта истодаанд. Чуноне пеш аз истилои араб номҳои тоҷикӣ ба мисли Чаманоро, Гурдофарид, Хуршед мавҷуд буданд.**

**ПАС** аз қабули дини ислом мардуми тоҷик ба номҳояшон калимаҳои "Муҳаммад, Алӣ", пасвандҳои "дин", "Аллоҳ"-ро илова намуданд: Ёрмуҳаммад, Ҷонмаҳмад, Сангалӣ, Файзидин, Самариддин, Ҷамолиддин, Меҳрулло, Муродулло, Шукрулло ва боз даҳҳо номҳои дигар. Пас аз ҳуҷуми муғул ва туркгароӣ тоҷикон ба фарзандони худ номҳои туркӣ гузоштанро оғоз намуданд. Аз қабили Бердӣ, бо иловаи калимаи тоҷикию туркӣ-Худойбердӣ, Мавлонбердӣ, туркию арабӣ-Тошмуҳаммад; номҳои духтарона-Ойхол, Ойпора, Ойгул, Ойбегим, Юлдузхон, Юлбарсхон.

Баъди Инқилоби Октябр мо ба насаби худ пасванди русии "ов, -ова, -ев, -ева"-ро илова кардем. Ҳатто ба ҷои номҳои тоҷикии Гулдаста-Гуля, Дилбар-Диля, Зулхумор-Зуля, Бахтиёр-Баха мегуфтагӣ шудем. Филмҳои ҳиндиро тамошо карда, ба фарзандони худ номҳои ҳиндии Раджу ва Самирро гузоштем. Номҳои падару модарони вафоткардаи худро ба фарзандон гузошта, Бобочаю Бибича мегуфтанд, ки хайрият ҳоло Бобоҷону Бибиҷон шудааст.

Дар як тӯйи арӯсию домодӣ ширкат доштем ва баранда духтареро Қутосбӣ муаррифӣ намуд, ки бояд акаашро ба домод шуданаш табрик мегуфт. Ҳарчанд суханҳои ин духтар ҷолиб буданд, мо ба сухани ӯ нею ба номаш аҳамият медодем. Қутос номи ҳайвон, навъи говест, ки дар ҷойҳои сард, дар кӯҳҳои Помиру Зарафшон парвариш карда мешавад.Чаро ба ин духтари зебо Қутосбӣ ном гузоштанд, дар садаи XXI китобҳои зиёде ба чоп расонидаанд, ки аз онҳо истифода бояд кард. Аз калимаҳои "соҳибҷамол" ва "оламафрӯз", ки дар китоби "Самаки айёр" ҷой доранд, истифода намуда, мо ба шиноси худ маслиҳат додем, то номи духтарашро Соҳибҷамол ва писарашро Оламафрӯз гузорад. Ҳамин хел аз китобҳо метавонем истифода кард ва дар ин роҳ "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ як дастури беназир аст. Ё ин ки номи Жасмина мӯд шудааст. Жасмин тарҷумаи русии калимаи Ёсуман аст. Ёсуман номи гули зебоест ва ин калима чӣ гуноҳ дорад, ки мо тарҷумаи русии он Жасминро бо иловаи пасванди "-а" Жасмина кардем? Чанд духтарчаро дидем бо номи Жасмина ва ҳоло ҳам дер нашудааст, онро бо калимаи зебои тоҷикӣ - Ёсуман иваз намоянд. Дар баъзе шахсон шакли кӯтоҳи он-Суман дида мешавад, ки дарди бахайр аст, аз истифодаи калимаи русии Жасмин. Зани шиносе дорем дар шаҳри Душанбе бо номи Малвина. Аз рӯи далели мо Малвина қаҳрамони афсонаи "Саргузашти Буратино" аст, ки аз хурдӣ ҳамаи мо ин афсонаро дӯст медоштем. Ба ҷои Малвина ягон номи тоҷикӣ гузоштан мумкин буд-ку. Ба фарзанд номи Остонақулро гузоштанд, ки соҳиби ном дар назди рафиқонаш шарм мекунад. Дар тоҷикон расм шудааст, ки ба кӯдаке, ки вақти дар батни модар будан аз падар маҳрум ва ё ҳангоми таваллуд шудан аз модар маҳрум шавад, писар бошад Ёдгор ё Нишон ном мегузоштанд. Ҳоло бошад, ба калимаи Ёдгор пасванди "-а" илова карда Ёдгора мегӯянд, ки мо ин калимаро дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" вонахӯрдем. Лекин калимаи Нишона дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ҷой дорад. Ё бо насабҳое дучор мешавем, ки кас ҳайрон мешавад аз куҷо ин хел насаб пайдо шудааст ва номи бобо чӣ буд, ки ба набера насаб шуд, ба мисли Малахов, Култаев, Таниқулов, Ӯроқов, Қузиев ва ғ. Аз рӯи шаҳодати устод Валӣ Самад боре Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ аз шунидани сурудҳои классикӣ дар иҷрои сароядаи хушовози ансамбли "Шашмақом", Ҳунарманди шоистаи ҶТ Қузиев шоду мафтун шуда ҳофизро самимона табрик гуфта, ҳамзамон афзуданд, ки дареғи овози рӯҳнавоз бо ин насаби безеб.

**Мегӯянд, ки падару модар дар назди фарзанд дар иҷрои чунин корҳо қарздоранд:**

**1.** Номи муносиб гузоштан, ки фарзанд аз номаш шарм накунад.

**2.** Барои таҳсили ӯ мусоидат намоянд, то ӯ бесавод намонад.

**3.** Барои фарзанд хона бунёд намоянд.

**4.** Барои издивоҷи фарзанд мусоидат намоянд, яъне хонадор кунанд.

Ҳамин тавр, номгузорӣ ба фарзанд вазифаи нахустини падару модар аст ва ин вазифаро хуб иҷро намудан мебояд, то фарзанд ба камол расида, номашро дар шиноснома тағйир надиҳад.

Гарчанде ном барои инсони комил шудани шахс нақше намебозад, вале ҳатман ба фарзанд номи тоҷикии пурмазмун бояд гузошт. Ин ҷо рӯҳияи миллӣ доштани падару модар ба чашм мерасад. Одамоне ҳастанд, ки номҳои зебо доранду аз хислати бади онҳо номашон ба назари кас безеб менамояд. Шахсоне ҳастанд, ки номашон безеб, лекин бо хислату рафтори хеш бо кордонию меҳнатдӯстии худ ба дили халқ ҷой мегиранд ва номи нозебои онҳо ба назари кас зебо менамояд. Яъне, инсон ба ном зеб медиҳад, на ном ба инсон. Дар як ноҳияе Хошок ном мард мезист ва номи ӯро ягон кас таҳқир намекард, чунки бо кору рафтори наҷиб ба дили халқ роҳ ёфта буд, дар комиҷроия адои вазифа менамуд ва то метавонист ба корафтодагон кӯмак менамуд. Ҷинояткоре ҳаст, ки номи зебо дораду аммо кирдораш...

Ба фикри мо, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бояд ба фарзандони худ номи тоҷикӣ ва муносиб гузорему номро ба исломию ғайриисломӣ ҷудо накунем. Ва аз номҳои туркию муғулӣ худдорӣ бинамоем, то ин ки дар пойдор мондани вожаҳои тоҷикӣ саҳме дошта бошем.

**М. РАҲМОНОВ,**
**С. МУҲАММАДИЕВА,**
*устодони ДМИТ*

Минбари халқ
8 июли соли 2015,
№28 (1007)

**Хиёнати инсонҳо, аз ҷумла шахсиятҳо ба якдигар, пешвоҳо ва давлатҳо дар тӯли таърихи башар ҳамеша ва аз рӯйдодҳои маъмулӣ будааст. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки ин амал дар бештари вақт барои пул, ё аз тарс ва ё тахти фишори равонӣ сурат мегиранд. Боло будани худхоҳии ашхос ва бештар аз он ҷойгохе, ки доранд, таваққуи чизе ва ё мақоме кардани ин афрод аз дигар омили ба хиёнат даст задани нафарони дорои ҷойгоҳ, мартаба ва эътибор дар ҷамъиятҳои мухталиф будааст.**

# Хиёнатҳои пурсадо дар таърихи башар

Дар саҳифаи таърих чандин ҳолати хиёнатҳои сахт нисбат ба давлат, миллат ва кишвар ба мушоҳида расида, ки боиси тағйири сиёсатҳо шудааст ва худи хиёнаткорон низ сарфи назар аз он ки муддате номашон мавриди баҳс дар маҳфилҳо мешавад, дар саҳифаи таърих ҳамчун як шахсияти манфию бо чеҳраи сиёҳ боқӣ монда ва дар ҳар давру замони пас аз худ ба бадӣ ёд мешаванд.

Дар ин миён бузургтарин хиёнат ба номи **Яҳудои Искарот,** ки яке аз 12 ҳавориён ( расулон) дар даврони ҳазрати Исои Масеҳ буд, сабт шудааст.

Бино ба ривоятҳои таърихӣ, Яҳудо, ки хазинадор буду тамоми дороиҳои ҳазрати Исоро дар ихтиёр дошт, паёмбари Худо ва дӯсти худро ба 30 тангаи нуқра ба мухолифонаш фурӯхт. Ҷойгоҳи Яҳудо ба ҳамроҳи дигар расулон хеле қавӣ буд, чунки қудрати анҷомои муъҷизаро дошт: мурдаро зинда мекард, беморонро шифо мебахшид, аммо пас аз хиёнаташ ин ҳама қудрати аътошуда аз "подшоҳи осмонӣ"-ро аз даст дод.

Яҳудо бар ивази ин пули ночиз, пинҳонгоҳи Исоро ба саркоҳинони мухолифаш ошкор кард. Баъди он ки ҳазрати Исо дастгир ва ба тарзи салб ба қатл маҳкум гардид, Яҳудо аз кардаи худ пушаймон шуда, тавба кард ва талош намуд бо бозгардондани тангаҳои гирифтааш ҷони ҳазрати Исоро бихарад. Агарчӣ Яҳудо пули гирифтаашро оварда ба ибодатгоҳ партофт, вале худро таскин дода натавонист, ба ин далел худро ба дор овехта, ба ҳалокат расонд. Далели ҷолиб ин аст, ки Яҳудо худро ба дарахти Аспен овехта буд ва ин дарахт ба касофати ӯ пас аз он ҳодиса дар назари мардум бад шуд ва ҳам рамзи манфӣ ба худ касб карда тавассути нависандагон дар асарҳои бадей ва таърихӣ ба унвони як нишонаи бадӣ тасвир гардидааст.

**Юлий Сезар** шахсияти давлатӣ дар Руми қадим, раҳбари сиёсию низомӣ ва нависанда дӯсте дошт бо номи **Маркс Брут.** Хиёнати ӯ нисбат ба Сезар 77 сол пеш аз воқеаи Искарот ба вуқӯъ омада буд.

Сезар замоне аз асли гап огоҳ шуд, ки дастгир шуд ва ин дӯсташро дар миёни табадуллотчиён диду дар ҳайрат монд. Ӯ фаҳмид, ки Брут дӯсти шарики хунсандию роздонаш нақши асосиро барои аз тахт дур карданаш доштааст, ба худ бовар накарда дар муроҷиат ба вай ин ибораро ба забон овард: "наход ту ҳам, Брут?" (и ты, Брут?) Ин таъбир баъдан дар таърих монда ва нисбати ҳар гуна хиёнаткор гуфта мешуд. Соҳиби ҳақ ба ҳар каси мутобиқ ва дар ҳадди арзиши аъмолаш подош медиҳад: Брут низ ба монанди Яҳудо пас аз хиёнат худкушӣ кард.

**Ванг Ҷингвей.** Хитоие аст, ки бо хиёнати худ нисбат ба миллат ва давлат дар таърихи Чин мондааст.

Агарчӣ номи вай дар кишварҳои дигар чандон маълум нест, аммо ба ин далел, ки дар рӯзгори худ ба ин ватани пурҷамъият ва ба ҳукме ба хонаводаи худ хиёнат кард, дар таърих, адабиёт ва зеҳни мардуми Чин ба унвони як хоин боқӣ монд.

В. Ҷингвей соли 1883 таваллуд шуда, дар 21 солагӣ ба Донишгоҳи Япония дохил шуда буд. Вай тайи муддати донишҷӯ будан бо Сун Ят Сен, яке аз раҳбарони гурӯҳҳои инқилобии Чин шинос шуда зери таъсири идеяҳои ӯ қарор гирифт ва бо ҳамкории вай дар чандин тазоҳуроти зиддидавлатӣ бо мақсади шикаст додани давлат ва барканории мақомоти вақт ба анҷом расид, фаъолона ширкат кард. Аммо дар пайи яке аз чунин намоишҳои эътирозӣ аз сӯи маъмурони ниҳодҳои амниятӣ ва ҳифзи қонун боздошт ва ба зиндон маҳкум шуд.

Дар соли 1911 ба озодӣ баромад. Вай тамоми даврони маҳбусӣ бо Сен дар тамос буд ва ба дастурҳояшро иҷро мекард. Сен ва ҳамсафонаш дар инқилоби соли 1920 ғалаба карда ба қудрат расиданд. Дар соли 1925 Сун Ят Сен, ки раҳбарии Хитойро бар уҳда дошт фавтид ва Ҷингвей ба ҷои ӯ мақоми раҳбарии ин кишварро ба даст гирифт. Муддати зиёде нагузашта ба Чин японҳо ҳамла карданд. Ҷингвей, ки раҳбари давлати Чин буд, ба ҷои он ки аз тамомияти арзии кишвараш ҳимоят кунад ба давлат ва миллате, ки сарвараш буд, сахттарин хиёнат карда истиқлоли кишварашро ба хатар гузошт.

Вай амалҳое бар зарари манфиатҳои миллии Чин ба иҷро расонда, ин кишварро ба бӯҳрони шадиде мувоҷеҳ кард. Дар давроне, ки Чин ба душвортарин рӯзҳои худ расида буду ба ҳимоят, дастгирӣ ва раҳбари кордон ниёз дошт, Ҷингвей кишварашро ба ҳоли худ гузошта аз хоки он фирор кард ва бо нирӯҳои японӣ ва душмани Чин пайваст.

Ҳарчанд талхии мағлубияти худро дар зиндагӣ начашида фавтид ва надид, ки чӣ тавр Чин бар Япония ғалаба кард, аммо номаш дар таъриху адабиёти таълимии таҳияшуда барои донишгоҳ ва мактабҳои чинӣ ба унвони як хоин сабт ва намунае аз хиёнаткории сахт нисбат ба миллат шинохта гардидааст.

**Гетман Мазепа.** (Иван Мазепа-Калединский) (1639 - 1709) Нафаре аст, ки бо рафтори худ ба унвони як хиёнаткор чанд муддат номаш вирди забонҳо буд.Вай фармондеҳии нерӯҳои минтақаи Запорожеи Украинаро бар уҳда дошт ва замоне аз иттифоқчиёни наздики шоҳ Пётри Кабир буд.

Аммо дар давроне, ки шоҳи Швед Карл XII муқобили Русия ҷанг эълон кард (тобистони соли 1708), мавзеи Гетман ба унвони як муттаҳиди шоҳи Русия дигар шуд. Фиристодаҳои Шоҳи шведии ғосиб дар музокироти маҳрамона ба Гетман ваъда доданд, ки дар сурати ғалаба дар ҷанг бо Русия ба сарзамини Украина истиқлол медиҳанд. Гетман ба ин ваъдаи шоҳи Швед умед баста, соли 1708 ба тарафи нерӯҳои шведӣ гузашт. Ҷанговарони тахти фармони ӯ, ки барои ёрӣ ба артиши Швед алайҳи Русия ба ҷанг даромада буданд, дар муҳорибае дар наздикии Полтава торумор шуданд. Ба ин далел, ки вай дар ибтидо барои вафодорӣ ба шоҳи рус Пётри Бузург савганд хӯрда буд, дар пайи ин хиёнаташ ба ҷурми ҳамкорӣ бо нерӯҳои рақиб аз тамоми мукофот ва ҷоизаҳои давлатӣ маҳрум ва ба марг маҳкум шуд.

Мазепа пас аз шикасти нерӯҳояш ба минтқаи Бендери, ки он замон тобеи императории Туркияи Усмонӣ буд, фирор кард. Вай хеле зуд дар соли 1709 дар ғурбат мурд. Бино ба ривоятҳо, Мазепа дар ҳоле, ки дар ғурбат аз ҳолаш касе хабар намегирифт, дар таҳхонае шабушк зада ҷон дода буд.

**Олдрич Эймс.** Як афсари баландрутбаи Идораи ҷосусии Амрико буд. Муҳаққиқони рӯзгораш навиштаанд, ки агар вай содиқона ва босубот дар ин идора кор мекард, ояндаи хубе дар пеш дошт. Аммо вай дар ибтидои фаъолияти худ ба русдухтаре дил бохту асири ишқи ӯ шуд.

Таҳти таъсири ин духтар баъдтар ба нафъи идораҳои ҷосусии Иттиҳоди Шӯравӣ асрори сиррии кишварашро фурӯхта аз ин ҳисоб, тибқи маълумотҳо 4, 6 миллион доллар кор кард.Ин хиёнати ӯ ба зудӣ ошкор шуда ва аз сӯи додгоҳи Америка ба ҳабси абад маҳкум гардид. Гуфта мешавад, дар пайи эълони ҳукми додгоҳ ӯ барои анҷоми маҳкумият ба минтақае ба Америкаи Ҷанубӣ интиқол шуда то поёни умр дар зиндон буд.



**Видкун Квислинг** як марди норвегӣ ва аз қадимтарин қабилаҳои мардуми ин қавм буд. Падараш аз ҷумлаи рӯҳониёни бонуфузи кишвараш ва шумор мерафт. Худи Видкун пас аз хатми муваффақонаи мактаб пешаи шахси низомӣ буданро интихоб кард. То рутбаи майор ҳам расида ва шомили ҳукумат шуд.

Дар солҳои 1931 то 1933 вазири мудофиа низ буд.Соли 1933 ҳизби сиёсии худро бо номи "Ҳизби ризоияти миллӣ" ташкил кард. Дар интихоботи соли 1936 ин ҳизб ғалаба карда ба қудрат расид.Дар пайи таъсири таҳаввулоти сиёсию низомӣ дар Аврупо, соли 1940 фашистҳо вориди хоки Норвегия шуданд. Квислинг ба мардуми кишвараш дастур дод, ки бо нерӯҳои хориҷӣ муқбилият нишон надиҳанд.

Агарчӣ худи ин сиёсатмадор аз як қавми қадимӣ ва обрӯи ин миллат буд, аммо пас аз ин дастур эътибораш дар ҷомеа аз байн рафт ва мардуми норвег ӯро хоин хонда, баръакси дастури ӯ худ ба таври мустақил ва ба ҳар шакле, ки метавонистанд, муқобили ғосибон муқовимат карданд. Квислинг 9 маи соли 1945, яъне пас аз шикасти фашизм дар Олмон дастгир ва бар асоси ҳукми додгоҳ дар 24 октябри соли 1945 ба ҷурми хиёнат ба Ватан ба қатл расид.

**Шоҳзода Андрей Михайлович Курбский.** Аз шахсиятҳои бонуфуз ва аз бовафодортарин ҳамкорони шоҳи Русия Иван Грозний буд. Курбский фармондеҳи артиши рус дар ҷанги Ливон низ буд. Баъдтар дар иқдомоте, ки муқобили шоҳи рус аз сӯи мухолифонаш анҷом шуд, иштирок карда бадном гардид. Дар соли 1563 оилаашро партофта аз тарси ҷонаш фирор кард ва дар хидмати шоҳи сарзамини Полша Сигизмунд қарор гирифт. Пас аз чанд муддат дар ҳамкорӣ бо ғосибон дар ҷангҳо барои ғасби Маскав иштирок намуд. Полякҳо аз ӯ ба унвони як дӯсти вафодор ёд мекунанд, чунки вай ба ин далел ки аз тактика ва таҷрибаи ҷангии ҳамватанонаш- русҳо огоҳ буд, барои пешрафти нерӯҳои ғосиб хеле дар ҷабҳаҳои ҷанг ба полякҳо мадад кард.

Аммо барои давлати Русия ва аз ҷумла барои Иван Грозний як шахси хоин шинохта шуду дар таърих низ ба ин унвон боқӣ монд. Дар осори таърихӣ сабаби ба тарафи полякҳо гузаштани ин фармондеҳро дар кӯдакӣ ва навҷавонӣ тарбияти хонаводаи полякро гирифтанаш сабаб медонанд.

Рафтори **Андрей Власов** генерали баландпояи артиши Шӯравӣ ва **Фридрих Паулюс** генерали фашистӣ аз дигар намунаҳои хиёнати сахт дар даврони ЧБВ буданд, ки қиссаҳои марбут ба онон дар китобҳои таърих омадааст. Даврони шикасти Шӯравӣ ва ташкили давлати ҷавони мустақили Тоҷикистон ҳам чандин ҳолатҳои хиёнати шахсиятҳои сиёсиву ҷамъиятӣ ба мушоҳида расиданд, ки дар бесубот шудану аз байн рафтани як низом ва тағйири сохти сиёсӣ дар минтақа боис шуд. Рафтори афроди хиёнаткор агарчӣ дар бисёре аз мавридҳо боиси бархамхӯрии як низом, гирифтори ихтилофҳо шудани ҷомеа мешавад, вале дар асл таъсири куллӣ ба раванди пешрафти ҳодисаҳо намегузорад ва таърих ҳамаи рӯйдодҳоро боз ҳам ба тарзе ки лозим аст, танзим мекунад.

Бояд таъкид кард, ки хиёнаткорон ҳам дар дар рӯзгори хеш дар ҳадди шумораи маҳдуд тарафдорони худро доранд ва ин замони кутоҳ номашон вирди забонҳо шуда ва худи ононро дар як муддат машҳур мекунад. Аммо ин ки бо рафтори худ дар ҷомеа ба унвони як фарди ноустувор шинохта мешаванду барои аҳли хонавода, ашхоси наздик ва хешу табори худ сахтиҳо пеш меоранд, ба ин коре надоранд. Хору залил шудан, беобрӯӣ ва маҳрумият аз ҳама чиз, марги бемаънӣ ва ҷон додан ба сахтӣ дар ғурбат ва дур аз хешу табор аз дигар оқибатҳои амали хиёнат ва подоше барои чунин афрод аст.

**С. ЮСУФОВ**

Проблема ва мулоҳиза

***Ҳар рӯзи истироҳат барои аёдати падарам ба деҳа меравам. Дар дил шод мешавам, ки аз ҳавои сердуди шаҳр халос шуда, аз ҳавои тоза нафас мекашам. Вале гоҳо дар кӯчаҳои деҳ пиёда гашта, аз бӯи порӯи нав таппаккардашуда дилбеҳузур мешавам. Ба худ меандешам, ки наход дар асри XX1 ҳам мардуми мо аз ин сӯзишвории одамони давраи ибтидоӣ даст кашида натавонанд?***

# ОМИЛИ ФАРОВОНҲОСИЛӢ



**ЧАНД** сол боз ҳафтаномаи "Минбари халқ" дар бораи аҳамияти иқтисодию экологии биогаз ва дигар сӯзишвориҳои алтернативӣ нисбат ба дигар васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ бештар мақолаҳо чоп мекунад. Мутаассифона, соҳибкорону фермерон ва шаҳрвандони доро ба ин масъала таваҷҷуҳ намекунанд. Аз ин рӯ ҳатто шахсони сарватманду чорводор ба ҷои дастгоҳи биогаз насб кардан ба саломатии аҳли хонаводаашон беэътиноӣ намуда, ҳашари таппаккунӣ ташкил мекунанд. Дар ҷумҳурӣ соли 2007 "Барномаи комплексии истифодаи нерӯи офтоб, шамол, биогаз ва дарёҳои хурд барои солҳои 2007-2015" қабул шуда буд. Соли равон амалишавии ин барнома ба поён мерасад. Мутаассифона, тӯли 8 сол мардуми мо дар хусуси моҳияти биогаз тасаввуроти комил пайдо накарданд. Ақаллан хоҷагиҳои чорводорӣ ба ин масъалаи муҳим таваҷҷуҳ нанамуданд. Ҳол он ки 10 сол пеш устодони факултаи механизатсияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон истифодаи биогазро дар трактору комбайнҳо бомуваффақият санҷида буданд яъне дар сурати дар чоҳҳои бетонии фермаҳои чорводорӣ аз порӯи чорво биогаз ҳосил намудан имкони як қисми техникаи хоҷагиро бо сӯзишвории арзону аз лиҳози экологӣ тоза таъмин кардан фароҳам меояд. Порӯи баъди тавлиди биогаз ба нурии аълосифат табдилёфтаро бошад метавонанд ба хоҷагидорон фурӯшанд. Ин гуна таҷҳизоти бетонии биогаз дар Ҳиндустону Чин, Покистон ва Шри Ланка миллионҳо ададро ташкил медиҳад. Ҳамин аст, ки Ҳиндустону Чину Покистон на танҳо аҳолии худро бо маҳсулоти озуқаворӣи худӣ таъмин мекунанд, балки ба дигар кишварҳо низ содир менамоянд. Зеро дар ин кишварҳо нурии асосии органикиро насӯхта, ба замин мерезанд. Маълум аст, ки баъди рӯёнидани ҳар як ҳосил миқдори макро ва микроэлементҳои зарурии таркиби хок кам мешавад. Ин камшавиро бо роҳи андохтани нуриҳои органикӣ (порӯ, хокистар, компост, нуриҳои сабз…) ҷуброн бояд кард. Хокшиноси маъруфи рус В. Докучаев гуфта буд, ки хок як ҷузъи мустақили табиӣ буда пайдошавии он раванди мураккаб аст.

Нақши муҳими хокро дар таъмини аҳолии ҷаҳон ба инобат гирифта, соли равонро СММ соли байналмилалии хок эълон намуд. Аз рӯи маълумоти ташкилоти экологии "Маленькая земля" алҳол зиёда аз 90% масоҳати заминҳои ҷумҳуриамон дучори фарсудашавӣ ва эрозия гаштаанд. Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Ҳукумати ҷумҳурӣ соли 2013 дар фаъолияти кишоварзии мамлакат ҳамагӣ 173816 тонна порӯ истифода бурда шудааст, ки ин нисбат ба соли 1980 қариб 3,5 маротиба кам мебошад.

Порӯ яке аз асоситарин нурии органикӣ ба шумор рафта, он ба замин теъдоди зиёди микроорганизмҳоро зам мекунад. Микроорганизмҳо моддаҳои органикиро барои растаниҳо дастрас мегардонанд. Гази корбонате, ки зимни пӯсидан ҳосил мешавад, растаниҳо дар раванди фотосинтез истифода мебаранд. Порӯ структураи хокро беҳ гардонида, заминҳои "вазнин"-у сахтро ковоку хокӣ мегардонанд. Қобилияти намнигоҳдорӣ ва ҳавогузарии хок беҳтар мешавад. Порӯро ҳам пеш аз шудгор ва ҳам дар вақти нашъунамои зироат ба замин мерезанд. Ба замин рехтани порӯ боиси зиёд шудани кирми лойхӯрак мешавад. Зиёдшавии кирми лойхӯрак нишонаи ҳосилхезии хок мебошад.

Аз ин рӯ хуб мешуд, ки сол то сол истифодаи порӯро ҳамчун сӯзишворӣ кам карда, онро ҳамчун нурии аълосифат ба замин резанд. Манфиати иқтисодии ҳамчун нурӣ истифодабарии порӯ нисбат ба таппак кардани порӯ бештар аст. Касоне, ки чорво доранду замини кишт надоранд, беҳтарин порӯро ба хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ фурӯхта, ба маблағи он хӯроки чорво (силос, коҳ, беда) ва ё ҳезуму гази моеъ ( ба ҷои таппак) бихаранд. Бо ин роҳ саломатии аҳли хонаводаашонро низ нигоҳ медоранд.

**С. СУННАТӢ**

Соли Оила

# ПАНДЕ АЗ ЗАМОНА

***Борҳо шунидаем, ки духтар ва ё писаре рӯҳан бемору заифро насиҳат мекунанд, ки тӯю никоҳ боиси беҳ шудани саломатиатон мегардад. Ин амал мисли бемории гузаранда фоҷиаи дохили як хонаводаро берун мебароварад ва боиси паҳн шудану густариш ёфтани "микробҳои касалиовар" ба хонаводаи дигар мегардад.***

**АММО** ҷои тааҷҷубе нест. Чаро ки падару модари ин фарзанди бемор ба ҳар роҳе ме-хоҳанд ҷигарбандашонро хушбахт бубинанд. Агарчи ин хушбахтӣ зиёдтар аз як рӯзе ҳам тӯл намекашида бошад! Бемории рӯҳии фарзанд зеҳну қалби волидайнро низ заиф кардааст ва баъзан ин волидайн бадбахтии хонаводаи дигарро лаҳзае оромии зеҳниву қалбии худ қабул карда, эҳсоси хурсандӣ мекунанд. Хонандаи азиз гумон накунад, ки мо зидди он нафароне, ки бемории рӯҳӣ доранд ва хушбахт шуданӣ ҳастанд, бошем. На, баръакс, мо танҳо хушбахтии онҳоро дар никоҳ бастану оиладор шудан намебинему халос. Мо аз назари падару модари ин навъ фарзанд ба масъала чашм намедӯзем, балки аз нигоҳи омӯзгоре, ки хушбахтии абадии ҷавононро хоҳон аст, назар меафканем. Мисли ҳамоне ки фарзанди бемории рӯҳӣ доштаро ҷабран ва ё ба ҳиллае хонадор мекунанд ва ҳосилашро ҷуз пушаймонӣ намебинанд, никоҳ ва оиладоршавиро ҳар ҷавони солим низ набояд манбаи хушбахтиву саодат қабул намояд. Духтаре, ки аз одобу ахлоқ ва маърифат баҳрае набардоштааст ва ё ҷавоне, ки соҳиби касбу ҳунару донише нашудааст, гумон доранд, ки ягона чизе, ки онҳоро аз ин ҷаҳолат мераҳонад, никоҳ ва хонадоршавӣ аст. Онҳо дарк накардаанд, ки оила қудрате надорад, ки ки коми ташнагони хушбахтиро оби саодат бидиҳад. Баръакс, қудрату тавоноиҳо метавонанд оилаи солимро бунёд намоянд. Оила шахсиятҳоро намеофарад, шахсиятҳои алоҳида бо дарки масъулияту уҳдадориҳо ва фаҳми мушкилиҳои оиладорӣ қодиранд санги нахустини бунёди оиларо рост гузоранд.

**Дар байни ҷавонони имрӯзаи мо ду навъи афкор дар мавриди оиладоршавӣ вуҷуд дорад:**

*- онҳое, ки фикр доранд, ки ҳанӯз хеле барвақт аст;*

*- ва онҳое, ки ҳамвора фарёд доранд, ки хеле дер шудааст.*

Тааҷҷубовар он ки миқдори ҷавонони гурӯҳи аввал ба маротибҳо камтар аз миқдори ҷавонони гурӯҳи дуюм аст. Ин гурӯҳи аввал, ки соҳиби донишу касбу ҳунар ва дорои ҷаҳонбинии васеъ ва андешаи фарох мебошанд, ҳанӯз дар фикри онанд, ки барои барпо кардани оила ва алалхусус, оилаи хушбахт, чанд омили дигаре намерасанд: ҳоло ҳам бояд донишро сайқал дод, мақоми ҳамешагиро муайян кард, дороии аввалинаро дарёфт намуд, манзили зистро соҳиб гашт ва ғайраву ва ғайраҳо ва ҳамаи инҳо барои он ки фарзанд дар муҳити озоду андешаи солим нашъунамо ёбад, рушд кунад ва ба дараҷаҳо аз падару модари худ пеш гузарад. Ин волидайн эҳсос кардаанд, ки дунё мутағайир ва нафъу зиёни ҷаҳонишавӣ дигар барои кӯдакони оянда фурсати як лаҳза ист карданро намедиҳад. Муғчаи дарахти оила набояд осебе аз бе обию бе офтобӣ бардорад.

Аммо онҳое, ки ҳамвора дар изтиробанд, ки барои оиладор шудан вақт намонд ва хеле дер шудааст, он нафаронеанд, ки лаҳзаеро ба фикри даҳсолаҳо баъд сарф накардаанд, бо каллаи холӣ тобеи суннати бобоӣ гардида, пиндоштаанд, ки никоҳ ягона омиле, ки онҳоро аз ҷаҳл хоҳад раҳонид ва мояи хушбахтии онҳо хоҳад гашт. Онҳое, ки дар зиндагии моддиву маънавӣ муваффақ нагаштаанд, пеш аз ҳама, хоҳони зебу зинати худро санҷидан дар либоси оиладорӣ мешаванд ва ҳадс мезананд, ки никоҳ охирон имконияти комёбшавии онҳо хоҳад гашт.

Оиладорӣ як механизми хеле мушкилфаҳме аст, ки чандсолаҳо омӯзишу таҷрибаеро тақозо дорад, то ба дарки нозукиҳои он тавон расид ва онро ба як аслиҳаи фармонбардору итоаткор мубаддал карда дар хизмати худ қарор дод. Танҳо бо ин роҳ метавон дараҷаи хушбахтии худро ҳаматарафа таъмин кард. Дар акси ҳол, оиладорӣ ба мисли талабаи гапнодаро таъсири зиёноварро ба асабҳо мерасонад ва майнаро хароб, дилро заъиф месозад ва охиран, боиси ҷудошавию хонавайронӣ мегардад. Агар духтаре дар тӯли умр қайчиро ба даст нагирифтааст ва мехоҳад куртаи тӯёнаашро бо хоҳиши дили худ бидӯзад, куртаи дӯхтаашро барои худ чӣ хел тасаввур мекунад?! Ва ё писаре дар давоми умри худ сангро надида, мехоҳад аз санг хона бисозад?! Барои ҳамин ҳам ангораи оиладорӣ бояд дар зеҳни ҳар як хонадоршаванда пеш аз бастани ақди никоҳ куллан пухта гардад ва чашми хирадаш ояндаи фарзандони орзуяшро бояд бубинад.

Дуруст аст, ки на ҳамаро ҳаёт фурсату имконият медиҳад, то соҳиби маълумоти донишгоҳӣ шавад ва ё соҳибкасби дараҷаи олӣ бошад. Аммо нӯги ресмонро аз сӯрохии сӯзан гузарондан худ як ҳунаре аст, ки метавон бо он ифтихор кард. Ҳунари кӯчаке аз худ кардан худ маънои дониши фаровонро фаро гирифтан мемонад. Ҷавонони азизи тоҷик бояд дастурамали оиладоршавиро, ки манбааш илму хираду донишу ҳунар аст, пеш аз хонадор шудан, мутолиа намоянд.

Бобову момо агарчи барои мо хеле азизанд ва суханонашон панде аст ороишдиҳандаи гӯши мо, биёед, қудрати қабул кардани қарорро аз даст надиҳем, навҷавонони шарифи тоҷик! Оилаи солим сутуни маҳками хонаи миллат мебошад.

**Дилбар ҚАЛАНДАРОВА,**
*ноҳияи Шуғнон*



**БА ШАРАФИ 700-СОЛАГИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ВА БА МУНОСИБАТИ СОЛИ ОИЛА**

# ЛАҲЗАЕ ДАР СУҲБАТИ АЛЛОМА

***Ривояту ҳадиси набавӣ аз боби чаҳоруми "Захират ул-мулук" ва аз "Насиҳатнома"-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таҳияи Ҳотам ва Раҷаб Асозода, нашри соли 1993 истифода шудааст.***

***ВАҚТЕ дубора ба омӯзиши Мири Кабир пардохтем, як дӯсти бедордил гуфт, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чӣ бузургие дорад, ки эҷодиёти ӯ баробари пурқиматтарин дурдонаҳои адабиёти ҷаҳонии назми порсӣ зиндаву поянда мондааст. Албатта, чунин аст. Дар масири таърих аз кишварҳои Арабу Аҷам мубаллигони дини мубини Ислом зиёд меомаданду мерафтанд ва ҳанӯз ҳам омадану рафтан доранд. Вале дар давоми беш аз 1200 сол танҳо чанд нафар бо тоҷикону тоҷикистониён пайванди ногусастанӣ пайдо карданд ва имрӯз ҳам ҳидоятгари мардум ба роҳи асолати Ислом бақо мондаанд. Ва хушбахтона, аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар байни онҳо мақоми баланд дорад.***

***Мавриди тазаккури хоса аст, ки дар бисёр давраҳои қадим ва асрҳои миёна эҷоди бадеӣ аз шарҳи дин ҷудо набуд ва ё дар хидмати парастандагони кешу адёни гуногуни ҷаҳон қарор дошта, зимни баррасии масоили динӣ ривояту қиссаҳои пандомӯзе пешкаши мардум мегашт. Муҳаққиқон бар онанд, ки як қисми донандагони фиқҳ баробари донандаи хуби илми илоҳиётшиносӣ будан, инчунин табъи равону латиф доштанд ва устоди сухан буданд ва суханро дар ҷояш, дар робита бо суоле ё мушкилоте ба умқи маъно расонида, дар такя бо ҳадисҳои набавӣ, гуфтаҳои шайху уламои маъруф, маъниро муқаддам гузошта, баробари шарҳи заруриёти динӣ, аз бобати маънии ҳаёту рӯзгор ва рисолати инсон ривояту қиссаҳои созанда ва паноҳанда месохтанд. Бисёре аз ҳикоятҳои овардаи аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи чунин дурдонаҳои афкор буда, чун шаддаи марҷон яккачин шуда, дар мавридҳои зарурӣ пешниҳод гардидааст, ки то имрӯз қимати худро нигоҳ доштааст. Ба фикри мо яке аз сабабҳои ин қадар дар дилу зеҳни сокинони Тоҷикистон, ба вижа Хатлон ҷой шудани меҳри аллома дар он аст, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ марди илм буда, саросари кишварҳои Шарқро гашта, аз ҷаҳони маънавии ҳамзамонон бохабар гардид. Ба ёд овардан зарур, ки аллома бо вуҷуди дар замони басо пуршӯри тохтутози туркҳо зистан, пайваста дар ҷустуҷӯи Ҳақ ва таблиги Ҳақ буд ва ҳар падидаи воло, ки дар манотиқи гуногуни ҷаҳон медид, барои худ мегирифт. Ба гуфтаи бузургворе аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ҷустани Ҳақ инсони комиле меҷуст, ки сазовори чунин лутфу меҳрубонии илоҳӣ бошад. Ба фикри мо, махсусан, фалсафаи нотакрори Эрону Мовароуннаҳр ва Ҳинди бостонӣ, ки инсонро зиёд ситоиш карда, қиматтарин офаридаи Худованд меҳисобанд, асли ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии алломаро ташкил додааст ва бо ҷаҳони маънавии мардуми тоҷик бо софдиливу ғайратмандӣ ва озодаманишии мардуми Хатлон мувофиқ омада, маҳз бо ин сабаб ӯ Хатлонро барои аҳли байти худ иқоматгоҳи асосӣ қарор дод. Пас метавон гуфт, ки гуфтаҳои аллома ба дили мардуми Хатлонзамин мувофиқ омадааст ва ҳамзамон аллома тавонистааст, ки бо гулбуни маънӣ ба ҷаҳони маънавии ҳамзамонон таъсири нек расонидааст. Пандҳои аллома дар бораи асолати ислом ва рисолати инсон, асли некиву бадӣ, ваҳдати вуҷуд, дӯстӣ, меҳрубонӣ бар волидайн, заҳматписандӣ, фурӯтанӣ, ҷавонмардӣ ва ғайра аз он ҷумлаанд. Ва таъкид менамоем, ки гуфтаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ комилан бар мабнои Қуръони азимушшаън ва ҳадиси пайғамбари Ислом асос меёбад. Ва аз он чунин истифода мебарад, ки ба падидаҳои нозуки рӯзгори мо мувофиқ афтодааст.***



***Бо чунин андешаҳо тасмим гирифтем, ки чанде аз ривояту қиссаҳои алломаи бузурги Машриқзаминро бо андаке шарҳ пешкаши шумо гардонем. Чун имсол Соли оила аст, нахуст, дар эҷоди аллома аз эҳтироми падару модар ёдовар мешавем.***

## ДАР ҲУҚУҚИ ВОЛИДАЙН

Аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун олими Ислом, дар ҳимояи пояҳои дин устувор меистод ва дар ҳамин асос гиромӣ доштани волидонро басо муҳим медонад ва аз номи илоҳӣ мефармояд:

-Қолаллоҳу таъоло ва қазо раббука алотаъбуду ва илло айҳу ва бил волидайни эҳсоно. Ҳазрати Самадият азза шона мефармояд, ки мо, ки худованд ва парвардигорем, ҳукм кардем ба шумо бандагон, ки ғайри ҷаноби кибриёи моро бандагӣ накунед ва дар ҳаққи модар ва падар некӯ бошед.

***

Яке аз масоили мушкил, ки имрӯз дар байни ҷомеа аз нав ба тариқи хеле шадид зуҳур намудааст, муносибат ба волидон аст. Бархе ҷавонон пойбанди равияҳои гуногун гашта, гоҳо фиреб мехӯранд. Ва ин панд мувофиқи ҳоли онҳост:

Абудардо, разиаллоҳу анҳу гуфт:

-Аз Расул шунидам, ки мегуфт ризои падар бузургтарин дарҳои биҳишт аст. Агар биҳишт мехоҳӣ, бад-ин дар муҳофизат намоӣ ва агар нахоҳӣ, онро фурӯ гузор.

***

Аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун худи пайғомбари Ислом иззату эҳтироми модарро басо муҳим мешуморад ва инро бо гуфтаҳои Расули Акрам (а) таъкид месозад:

Ҳаким бинни Ҳаззом гуфт:

Аз Ҳазрати расул алайҳиссалом пурсидам, ки бо кӣ некӣ кунам?

Гуфт:

-Бо модар.

Гуфтам:

-Пас аз он бо кӣ?

Гуфт:

-Бо модар.

Гуфтам:

-Пас аз он бо кӣ?

Гуфт:

-Бо модар.

Гуфтам:

-Пас аз он бо кӣ?

Гуфт:

-Бо падар. Чун бо далоили шаръӣ ҳуқуқи қаробати раҳм муътақид аст ба зарурат... Лоҷарам, ҳуқуқи он аз ҳама бештар омад ва чун бо вуҷуди заъф ва аҷзи волида машаққати ҳамл ва разоъат ва тарбият ва шафқат ва муҳаббат аз ҷиҳати ӯ бештар аст, ҳар оина ҳуқуқи ӯ бар ҳаққи волид мутазоиф (дучанд) бувад.

***

Маълум, ки меҳри волидайн аксаран бар дили фарзандон бақо мемонад ва дар гузашта ба ҳар роҳ эҳтироми онҳоро ҳатто баъди марги табиии эшон риоя кардан мехостанд. Тибқи ривоёт, ҳатто як қавми араб дар давраҳои қадим маҳз муҷассамаи волидону гузаш-



тагони худро сохта, дар назди он изҳори муҳаббату сипос намуда, кам-кам ба кеши бутпарастӣ асос гузоштанд. Як қисми мардум имрӯз ҳам бо зиёфтаҳои пурдабдаба поси хотири онҳоро ба ҷо овардан мехоҳанд. Бинобар ин, арҷ гузоштан ба волидонро аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар дуо барои волидон ва омурзиш пурсидан аз Худованд меҳисобад.

Молик бинни Робиа ривоят кард, ки назди Расул алайҳиссалом нишаста будам бо ҷомеае аз саҳоба, ки шахсе аз бани Салама ба ҳазрати рисолат омад ва савол кард. Гуфт:

-Эй Расули худой, ҳеҷ ҳаққе аз модар ва падари ман мондааст бар ман, баъд аз он, ки вафот ёфтаанд?

Расул алайҳиссалом фармуд:

-Бале. Дуои хайр бар эшон ва омурзиш хостани эшон ва васияти эшон ба ҷо овардан ва дӯстони эшонро гиромӣ доштан.

***

Зимни ин масъала, аллома дуои неки модарро басо муҳим медонад ва дар ин ривоят аз муҳаббати беканору самимияти модар ёдовар мешавад:

Расул алайҳиссалом фармуд, ки дуои модар зудтар мустаҷоб мегардад аз дуои падар.

Гуфтанд:

-Чаро?

Гуфт:

-Зеро ки модар меҳрубонтар аст ва дуои меҳрубонон рад намешавад.

***

Пайваста шод намудани волидон ва гирифтани дуои неки онҳоро ба ҳадде муҳим медонад, ки ризоияти онҳо барои фарзанд дари биҳиштро мекушояд:

Расул, алайҳиссалом фармуд, ки ҳаркӣ бомдод бархезад ва бар ҳоле бувад, ки модар ва падар аз вай хушнуд бошанд, он рӯз ду дар аз биҳишт ба рӯйи вай бикшоянд ва агар аз модар ва падари ӯ яке зинда бошанд, як дар бикшоянд. Ва ҳар ки бомдод бархезад ва бар ҳоле бошад, ки модар ва падар аз вай нохушнуд бошанд, ду дар аз дӯзах ба рӯи вай бикшоянд ва агар аз модар ва падари ӯ яке зинда бошанд, як дар (-и дӯзах) бикшоянд.

***

Дар баробари ин, аллома беэҳтиромӣ бар волидон ва хоса пайдо накардани ризои падар ва оқ шудани фарзанди нохалафро бадбахтие медонад, ки дар дунёи уқбо низ аз он дуои бад чорае нахоҳад ёфт:

-Ва қола Расулаллоҳи саллалоҳу алайҳи васаллама: - Ал ҷаннату юҷаду риҳуҳо мин масирати хамси миати ъомин ва ло яраҳаҳо ъоқун вало қотиъу раҳимин.

Фармуд, ки бӯйи биҳиштро хосиятест, ки аз панҷсадсола роҳ он бӯй шунида мешавад ва оқ (шахси оқшуда) он бӯй ҳаргиз нашнавад. Яъне "оқ"-шуда чунон аз раҳмати ҳақ дур бошад, ки дар қиёмат ба панҷсадсола роҳ пиромуни биҳишт роҳ наёбад.

***

Ҷойи дигар аллома аз номи паёмбар Мӯсо (а) ҳадисе меорад, ки эҳтироми водидайнро то ба ҳадди парастиши илоҳӣ баробар медонад. Мисоли овардаи аллома аз сарнавишти Ҳазрати Юсуф басо муассир буда, ҳатто дар симои паёмбарон низ пурра ба ҷо оварда натавонистани эҳтироми падарро ҷурми авфнопазир меҳисобад:

Дар хабар аст, ки ҳақ ҷалла ва ало ваҳй фармуд ба Мӯсо алайҳиссалом, ки "Эй Мӯсо, ҳар кӣ бо адои ҳуқуқи модар ва падар қиём намояд ва дар адои ҳуқуқи бандагии мо ба ҷой оварда ва дар ҳуқуқи модару падар тақсир кунад, мо ӯро аз бадкорон нависем.

Ва оварданд, ки дар қуруни мозия дар Миср одате буд, ки ҳар подшоҳе ба эҳтироми касе бархостӣ, гуфтанд, ӯ аз мулк бархост ва ӯро аз салтанат узл кардандӣ. Чун Яъқуб алайҳиссалом ба дидори Юсуф алайҳиссалом омад, Юсуф алайҳиссалом хост, ки бархезад, нагузоштанд. Гуфтанд, ки дар ин бархостан хатари мулк аст. Юсуф алайҳиссалом барнахест. Ҳақ ҷалла ва ъало ба Юсуф алайҳиссалом ваҳй фармуд, ки эй Юсуф, ба ҷиҳати маслиҳати мулки фонӣ ҳурмати падар фурӯ гузоштӣ ба иззат ва ҷалоли мо, ки баъд аз ин аз пушти ту ҳеҷ пайғамбаре берун наорем.

Маълум аст, ки Ҳазрати Юсуф бе фарзанд аз дунё гузаштанд. Инчунин, некӣ бар падару модарро аллома аз иҷрои фарзи дин боло мегузорад:

Волидайн чун мутеъи фармони ҳақ бошанд ва мухолифати шаръ раво надоранд, талаби ризои эшон афзали тоат аст, чунон ки Ҳазрати Рисолат мефармуд: Биррул волидайни афзалу минассалоти ва савми вал ҳаҷҷи вал ъумрати вал ҷиҳоди фи сабилиллоҳи". Яъне некӯӣ ба модар ва падар фозилтар аз намоз ва рӯза ва ҳаҷ ва ъумра ва ғазо дар роҳи худои азза ва ҷалла.

**Ҷумъа ҚУДДУС**

Аз дорухонаи табиат

# ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИ МОМИРОН

*Гиёҳи алафии бисёрсола буда, баландиаш ба 90-110 см мерасад. Аз оилаи хошхошгулҳо мебошад. Дар тиб бо мақсади табобат, қисми аз замин болои гиёҳ захира карда мешавад. Миҷозаш гарм ва хушк мебошад. Таркиби растанӣ дорои 20 намуд алкалоидҳо (холидонин, гомохолидонин, сангвинарин ва ғайраҳо), фловонидҳо, сапонинҳо, турушиҳои органикӣ, равғани эфирӣ, витаминҳои А,С мебошад.*



Чистотель большой, Чинорак, Chelidonium maius

**ЛЕКИН** хислати асосии гиёҳи момирон рагкашии талхаронӣ ва зидди илтиҳобӣ (бактериосидӣ) аст. Бештар дорои фаъолияти фармакалогӣ буданаш аз ҳисоби алкалоидҳои дар таркиби гиёҳи момирон буда мебошад. Мисол холидениин хислати намоёни дардпасткунанда ва оромкунандаи асаб дошта, таъсири баробар ба алкалоидҳои хошхоши папаверин ва морфин дорад. Ғайр аз ин алкалоиди таркиби гиёҳи момирон дар мушакҳои ҳамвори андомҳо таъсири рагкашӣ расонида, бартарияти хислатҳои пасткунандаи фишори хун ва сусткунандаи фаъолияти таппиши дилро доро мебошад. Алкалоиди дигари момирон гемохолидонин, баръакси таъсири хелодонин натиҷаи барангезиши кашишро медиҳад ва фаъолияти карахткунандаи маҳдуди айёнӣ дорад.

Дар омӯзиши ҳаматарафаи фармакалогӣ хислати сангвиритрин тасдиқ шуд, ки ба ҳама маводҳои гурӯҳи антихолин эстераза таъсири якхела мерасонад. Ҳамчунин таъсири васеъи фаъоли зидди микробӣ нисбат ба бактерияҳои гарм мусбӣ ва манфӣ, замбӯруғҳои хамиртурушӣ ва тирихомонадӣ дорад.

Дар гузашта гиёҳи момирон дар бемориҳои сили пӯст, подагра, тарбод, озах, саратон, шукуфаи тар ва шукуфаи хушк (псориаз) ба таври обчӯш оббозӣ, тарбандӣ ва малҳам ба таври васеъ истифода мешуд.

Дар намуди ҷаббида ё дар обчӯшидаи ҷамъи омехта, ки асоси онро гиёҳи момирон ташкил медиҳад, дар бемориҳои подагра, ҷигар, талхадон ва баъзе бемориҳои пӯст истифода бурда мешавад. Дар об ҷӯшонидаи гиёҳи момирон ба таври оббозӣ ба бемориҳои шукуфаи хушк, шукуфаи тар, илтиҳоби пӯст, хориши пӯст дар калонсолон ва кӯдакон тавсия дода мешавад.

Дар асоси мушоҳидаҳои клиникӣ муайян карда шуд, ки қиём ва оби гиёҳи момирон дар бемориҳои хоришноки пӯст бо дарназардошти қобилияти зидди хоришӣ илтиҳоб баркарор кардани қабатҳои осебдидаи пӯст дар давраи шадиди илтиҳоб, пайдоиши обилачаҳо ва намнокӣ ба эътидол (баркарор) овардани ҳамаи нишонаҳои зикршуда мебошад. Санвиритрин дар шакли малҳамдор ва моеъ дар бемориҳои решаи мӯйҳо қулоъи (стоматит) музмини авҷгирандаи милки дандонҳо, захмҳои музмин ва ғайраҳо натиҷаи хуби табобатӣ мебахшад.

Санвиритрин дар табхоли решаи дандонҳо, илтиҳоби тирамонанди гарданаки бачадон (колпид) натиҷаи хуби табобатӣ мебахшад.

Табобат бо гиёҳи момирон ба шахсоне, ки гирифтори бемориҳои саръ (эплепсия), дамкутоҳи сактаи дил ва бемориҳои асаб ҳастанд, манъ аст!

Дар ҳолати зиёд, истеъмоли маводҳои гиёҳи момирон мумкин аст организм заҳролуд шуда, ба дилбеҳузуршавӣ, қайкунии фалаҷи маркази нафас оварда расонад. Аз ҳамин сабаб пеш аз истифодаи гиёҳи момирон аз духтурони гиёҳшинос маслиҳат пурсидан зарур аст.

**Тарзҳои истифодабарии гиёҳи момирон дар табобати бемориҳои узвҳои ҳозима ва бемориҳои пӯст:**

*5гр (1 қошуқи ошхӯрӣ) дар 200,0 гр оби ҷӯшида, пас полонида ҳаҷми оби боқимондаро бо иловаи оби ҷушида ба 200,0 гр расонида ба андозаи 1/2-1/3 истакон 3 маротиба пеш аз хӯрок нӯшидан мумкин аст.*

*10гр (2 қошуқи ошхӯрӣ) дар 400,0 гр об ҷӯшонида бо иловаи оби ҷӯшида ҳаҷми онро зиёд карда, ба таври тарбандӣ, оббозӣ истифода бурда мешавад.*

**МАЛҲАМ:** қиёми гули момирон дар равғани хук ё гӯсфанд ё вазелин тайёр карда истифода бурда мешавад.

**Алимаҳмад УРОЗОВ,**
**Армиё БОБИЕВ**

---

Ҳаммактаб
Пойтахти Муғулистон
Сабзнамо

ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Я | ■ | ■ | С | И | К | Т | И | В | К | А | Р | ■ | М | У | А | Л | Л | И | М |
| К | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | ■ | ■ | И | ■ | ■ | Р | ■ | ■ | Е | ■ | А |
| Қ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | Р | А | Ф | О | Т | ■ | А | М | М | О | ■ | Р |
| А | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | ■ | У | ■ | О | ■ | ■ | У | ■ | Н | О | Б |
| Б | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | М | С | Т | Е | Р | Д | А | М | ■ | И | ■ | У |
| А | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Р | ■ | А | ■ | Ф | ■ | А | ■ | ■ | О | Д | А | Т |
| Т | А | В | Б | А | ■ | ■ | К | О | Ф | И | Р | ■ | Р | У | С | Т | ■ | ■ | ■ |
| А | ■ | М | ■ | М | У | С | О | ■ | Е | ■ | Е | В | А | ■ | ■ | А | Т | О | С |
| ■ | ■ | К | ■ | Р | ■ | И | ■ | ■ | Д | А | Й | ■ | ■ | С | ■ | ■ | ■ | ■ | А |
| Р | У | Б | О | И | ■ | Р | А | Ҳ | О | ■ | Т | А | Р | К | ■ | ■ | ■ | ■ | Д |
| А | ■ | ■ | Р | ■ | Ю | ■ | Қ | ■ | Р | ■ | О | ■ | ■ | О | ■ | ■ | ■ | ■ | Б |
| В | А | Ф | О | ■ | Р | У | Д | А | ■ | Г | Р | И | П | П | ■ | ■ | ■ | ■ | А |
| З | ■ | ■ | И | Л | И | ■ | ■ | З | ■ | У | ■ | Д | ■ | Й | ■ | ■ | ■ | ■ | Р |
| А | Д | А | Ш | ■ | Ш | А | М | О | И | Л | ■ | О | Р | Е | Н | Б | У | Р | Г |

Муқобили «дӯзах»
Пойтахт дар Аврупо
Захм, яра
Қаср, саро
Ҳамқисмати Маугли, ӯро маймунҳо калон карданд
Барабас, беҳуда
Порчаи хурдтарини навори кино
Доирашакл
Эҳсоси Маҷнун нисбати Лайлӣ
Ранг барои мижа
Гурӯҳи эстрадии тоҷик
Тифоқ, дӯст
... у зиннат
Деҳаи зилзилазадаи Ғарм
Гурбаи калони холдори ҷангалӣ
Президенти Қирғизистон
Эътиқод
Рақиби катод
Фошкунӣ, ошкорсозӣ
Шаҳри қадимаи арманҳо
Футболбози машҳури бразилиягӣ
Ғазабнок
Даъват ба намоз
Илова
Нуқсон
Бари рӯй, чеҳра
... - ТАСС
Камарбанд
Ягона, якка
Рӯзномаи «Аргументы и ...ы»
Мор аз китоби Р.Киплинг «Маугли»
Cu, металли сурх
Бандии ҳарбӣ
Нисфи маош
Ҳисса, ...-и худро гузоштан
Киса
Донандаи илм
Шабу саҳар - ...у наҳор
Тараф, ҷониб
Дарё дар ҶТ
Сад ҳазор
Актрисаи ҳинду аз ф.«Абдулло»
Ҷинояткор ба ҷазо ... мешавад
Тамғаи яроқи Калашников
Қаторкӯҳ дар Аврупо
Кӯмак
Серғавғо



Минбари халқ
8 июли соли 2015,
№28 (1007)

# САДАҚАИ ФИТРРО БА НИЁЗМАНДОН БОЯД ДОД

*Имрӯзҳо, ки дар даҳаи охири моҳи шарифи рамазон қарор дорем, Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо судури як Муроҷиатнома аз кулли мардуми шарифи кишвар даъват ба амал овардааст, ки садақаи фитрро ба табақаҳои ниёзманди ҷомеа диҳанд, на ба рӯҳониёну ходимони дин.*

Дар муроҷиатномаи ин ниҳод омадааст, ки моҳи муборакы Рамазон на танҳо моҳи тавфиқи тоату ибодат ва сабру таҳаммул дар адои фаризаи рӯза, балки моҳи хайру баракат, саховат ва кӯмаку дастгирии ниёзмандон низ ҳаст. Бешубҳа, садақаи Фитр яке аз василаҳои дастгирии табақаҳои ниёзманди ҷомеа ва эҷоди дӯстиву муҳаббат дар байни мусулмонон аст. Садақаи фитр соли дуюми ҳиҷрӣ дар баробари рӯзаи моҳи Рамазон бар мусулмонон воҷиб гардид. Аз Расули Худо (с) пурсида шуд, ки кадом садақа беҳтар аст? Дар ҷавоб фармуданд: "Садақае, ки дар моҳи Рамазон бошад". Аз ин рӯ, ҳар мусулмоне, ки тавоноии молӣ дорад, бояд садақаи фитрашро барои дастгирӣ ва кӯмак ба ятимону бенавоён ва фақирону бечорагон адо намояд. Садақаи фитр барои ҳамаи мусулмонон - марду зан, бузургу хурдсол ва озоду барда воҷиб аст. Дар "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ аз ривояти Ибни Умар омадааст: "Пайғамбари Худо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (дар) закоти Фитр (додани) як соъ хурмо ё як соъ ҷавро бар ҳар ғулому озод, марду зан ва хурду калони мусулмон фарз гардонд ва фармуд, ки онро то ба намоз баромадани мардум адо кунанд". Вақти адои садақаи Фитр пеш аз адои намози ид аст, ки дар ин хусус далолати ҳадис чунин аст: "Пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам амр кард, ки закоти фитрро то ба намоз баромадани мардум бидиҳанд".

Ҳамчунин зарур аст, ки ҳикмати додани садақаи Фитр ва шахсони мустаҳақ барои гирифтани он муайян бошанд. Якум, мусулмонон нисбат ба фақирону бенавоён ғамхорӣ намуда, онҳоро аз ниёзмандӣ ва муҳтоҷӣ то андозае бозмедоранд ва бароящон имконияте фароҳам меоранд, ки иди Фитрро дар баробари мусулмонони дигар бо хушию хурсандӣ ҷашн гиранд. Дуюм, ин амал дар замири муъминон ахлоқи баланд ва фазилатҳои некӯро, ба мисли саховатмандию карам ва меҳру ҳамдардӣ тақвият мебахшад. Сеюм, садақаи фитр кафорати гуноҳ ва тақсиротест, ки дар вақти рӯза содир шудаанд, зеро ҳар гуна амали хайр хатоҳои қаблиро ҷуброн мекунад. Чаҳорум, садақаи фитр шукрона ба даргоҳи Худои Мутаъол барои он аст, ки ба мо тавфиқи ба тамом анҷом додани рӯза ва ибодати моҳи шарифи Рамазонро муяссар гардонид. Бояд сароҳатан донист, ки садақаи фитр барои табақаҳои ниёзманди мардум дода мешавад, ки онҳо дар сураи Тавба, ояти 60 чунин баён мешаванд: "Ҷуз ин нест, ки садақаҳо барои фақирон ва бенавоён ва коркунон бар ҷамъи садақот; ва онон, ки дилҳояшон улфат дода мешавад ва барои харҷ кардан дар озодии бардаҳо ва барои вомдорон ва барои харҷ кардан дар роҳи Худо ва барои мусофирон аст; (ва он) ҳукми собитшуда аз назди Худо аст. Ва Худо Донои Дурусткор аст". Аз муҳтавои ин ояти карима барои мо комилан равшан мешавад, ки садақаи фитр бояд ба ниёзмандон дода шавад.

"Мутаассифона, дар ҷомеаи мо солҳои охир ҳолатҳои супоридани садақаи фитр барои рӯҳониёни бонуфуз ва ходимони дин бисёр ба назар мерасад ва он як раванди нохушоянд касб кардааст, ки ин амал мухолифи омӯзаҳои Қуръону суннат буда, ҳамчунин хилофи моҳият ва ҳикмати садақа, яъне дастгирӣ ва кӯмак ба ниёзмандон аст. Бешубҳа, агар садақаи Фитр таъйиноти воқеии худро ёбад, он барои дастгирии табақаҳои ниёзманди ҷомеа ва таҳкими дӯстию бародарӣ ва ваҳдату ягонагии миллию эътиқодии мусулмонон мусоидат мекунад",-омадааст дар муроҷиатномаи Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шояд имрӯз ҳам баъзе нафарон аз нодонӣ садақаи фитрро ба рӯҳониён, бахусус эмомхатибони масҷидҳои маҳалла медиҳанд, яъне нафароне низ ҳастанд, ки аз ин масъала бахубӣ огоҳанду садақаи фитрро ба табақаҳои ниёзманди ҷомеа намедиҳанд. Аз сӯи дигар, на ҳамаи эмомхатибони масҷидҳои ҷомеъ ба мардум кушоду равшан фаҳмонида медиҳанд, ки садақаи фитрро ба табақаҳои ниёзманди ҷомеа бояд дод.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МАСЪУЛИНИ ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗӢ

**(Шикояти манзум)**

# «ИЗТИРОБ» ДАР ЗАФАРОБОД

*Ҳар хонаву кӯчаву замин пури малах,*
*Зӯре нарасад ба зӯрии зӯри малах.*
*Тарсам, ки хурад замину деҳқон бо ҳам,*
*К-ин луқма шавад, луқмаи машҳури малах.*
*Ҳоло набувад илоҷи кимёвӣ дареғ,*
*Моро кӣ диҳад, илоҷу дастури малах?*
*То мо нарасад, киштаи деҳқони фақир,*
*Ҳар киштаи ӯ насибу манзури малах.*
*Не сабзаву не хиёру не "Оби набот",*
*Ҳар киштаи мо куштаву ранҷури малах.*
*Ку чашми саре, ки бишмарад захми замин,*
*Масъули замин магар шуда кӯри малах?*
*Пурсед зи масъулин илоҷи кораш,*
*Гӯянд, ки "Мо бародару ҷӯри "малах".*
*Гар Рустами Зол зинда шавад чӯл ояд,*
*Зӯраш нарасад, ба қудрату зӯри малах!"*
*Чун мӯру малах офати чӯл бисёр аст,*
*Кайҳон, ту гурез ба кишвари дури малах!*
*Дар шаҳри "Зафар" малах зафарманд шуда,*
*Ногаҳ нашавӣ ту луқмаи пури Малах!*

**Кайҳони Сӯфӣ**



**Кормандони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва аҳли қалами нашрияи «Минбари халқ» ба мудири шуъбаи Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Насим Расулов бинобар даргузашти**

**ПАДАРАШ**

**ҳамдардӣ изҳор намуда, ба ӯ ва пайвандонаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.**

**Аҳли хонаводаи Холниёзовҳо ба корманди Прократураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Холов Раҳматулло бинобар даргузашти**

**МОДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ намуда ба ӯ ва пайвандони ин оила аз даргоҳи Худованди бузург сабри ҷамил мехоҳанд.**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

Кооперативи истеҳсолии «Дашти ҷойнамо»-и ноҳияи Балҷувон фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама гуна арзу шикоятҳо ба муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.




## РАҲОӢ АЗ ПРОСТАТИТИ ШАДИД ВА АДЕНОМА!

**КРАСНЫЙ КОРЕНЬ** номи мардумии растании камёфтест, ки дар баландкӯҳҳо мерӯяд. Корхонаи илмӣ - тадқиқотии Русия "красний корен"-ро дар шакли қатра(обӣ) коркард намудааст. -ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата, эҳёи фаъолнокии ҷинсии мардона мусоидат мекунад.

**- кӯмаки пурзӯр мерасонад: ба пурра холӣ шудани пешобдон; кам намудани зуди пешобкунӣ ва барқароршавии фаъолияти ҷинсии мардон.**

Ҳангоми харидории **"Красный корен"** -аз дорухонаҳо, дар навиштаҷот(инструкция)-и он ҳатман бояд навишти **"живые витамины"** дида шавад, зеро ҳамин намуди маҳсулот дар таркибаш спирт ва қанд надорад. **Тарзи истеъмол:** рӯзе 2 бор ба таги забон 15-20 чакра давоми 1моҳ. **Шакли барориш:** шишача 50мл. **НАРХИ ФУРӮШ 27 СОМОНӢ**

*МОЛ ДОРОИ СЕРТИФИКАТИ МУТОБИҚАТ АСТ.*

## "ШИРЛАЙН" - ДАВОИ САД БЕМОРӢ! ШИФО МЕЁБЕМ ВА ХАРОБ МЕШАВЕМ!




Олимони Русия истеҳсоли давои набототии **"Ширлайн"**-ро ба роҳ монданд, ки ҷиҳати табобати маҷмӯи бемориҳои зиёд, аз қабили бемориҳои узвҳои ҳозима дар марҳилаи оғозшавӣ, бемориҳои қисматҳои поёнии рӯдаи ғафс (бавосир), бемориҳои гинекологӣ ва урологӣ тавсия гардида, ба бартарафсозии заъфи талхадон, тозакунии организм ва табобати комплексӣ барои харобшавӣ, рафъи қабзияти музмин, барқарор намудани норасоии организм ба минералҳои ҳаётан муҳим ҳангоми пайдошавии талаботи бештар ба онҳо - дар давраи инкишофи организм, араққунии барзиёд, қайъ кардан ва дарунравӣ мусоидат менамояд.

**"Ширлайн"** хушкидаи омехтаҳои таркиби оби **кӯли Шира** аст, ки маҷмӯи наҷиби макро ва микроэлементҳо **(калий, натрий, калсий, магний, мис, литий, алюминий, манган, бром, нуқра, фосфор)** буда, дар об ҳалшаванда аст. **"Ширлайн"** дорои хусусиятҳои зиддиилтиҳобӣ, антибактериявӣ, талхарониву пешобронӣ буда, ба муназзамшавии фаъолияти ҷигар, меъдаву рӯда ва гурдаҳо мусоидат мекунад.

Ҳамчунин дар ҳолатҳои асабонияти зиёд, беховӣ ва бемориҳои асаб тавсия гардида, пайдошавии ожангҳоро пешгирӣ менамояд ва пӯсти рӯйро нарму зебо мегардонад. Ҷиҳати табобати бавосир (геморрой) низ истифода бурда мешавад. **Нархи фурӯш** 36 сомонӣ **Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед!**

Истеъмоли бетанаффуси он дар тӯли на камтар аз 20 рӯз харобшавии инсонро то 5 кг аз вазни зиёдатӣ раҳоӣ мебахшад.

*МОЛ ДОРОИ СЕРТИФИКАТИ МУТОБИҚАТ АСТ.*

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:** Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**

**Навбатдор: Ҷ.ҚУДДУС**

